آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924).
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

8 феврали соли 2020. Шанбе

№ 13 (14612)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ВАЗИФАҲО БОБАТИ ЗИЁД КАРДАНИ ҲАҶМИ ИСТЕҲСОЛИ КАРБОГИДРИД МУАЙЯН ШУДАНД

***6 феврал Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бахшида ба баррасии самарабахшии саноати нафту газ, вазифаҳое, ки соли равон бинобар зиёд кардани ҳаҷми истихроҷи гази табиӣ ва карбогидридҳои моеъ истодаанд, машварат баргузор кард.***

Тавре ки маълум аст, саноати нафту газ нафақат барои таъмин кардани аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт бо захираҳои энергетикӣ, балки ҳамчун ашёи хом барои истеҳсоли бисёр хелҳои маҳсулот муҳим мебошад. Вобаста ба ин бобати тағйироти амиқи сохторӣ ва баланд бардоштани рақобатбардории соҳаи мазкур ва умуман соҳаи энергетика, ҳамчунин геология барномаҳо татбиқ мегарданд.

Аз ҷумла низоми идоракунӣ дар ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекнефтегаз» ва дар таркиби он ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ӯзтрансгаз» ва «Ҳудудгазтаъминот» ҳамчун созмонҳои алоҳидаи мустақил, аз нав таъсис ёфтанд.

Мувофиқи қарори роҳбари давлат «Дар бораи чораҳои такмил додани низоми ташкил ва баргузор кардани корҳои ҳафриёти геологӣ барои нафт ва газ» аз 18 ноябри соли 2019 тамоми шароити зарурии ташкиливу молиявӣ барои кашф кардани конҳои нав, мустаҳкам намудани пойгоҳи карбогидрид мушаххас карда шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис таъкид сохт, ки дар соҳаи нафту газ бояд бо ҷалби коршиносони хориҷӣ самаранокии идораи корхонаҳои давлатӣ баланд бардошта, харҷҳо кам шаванд, қарздории мавҷуда коҳиш ёбад. Ба зиммаи ҳукумати навтаъсис дар самти мазкур вазифаҳои бартаринок гузошта шуданд.

Дар машварат чораҳои рӯзмаррае, ки бояд соли равон дар соҳаи нафту газ татбиқ шаванд, баррасӣ гардиданд.

Бо вуҷуди фароҳам овардани шароит ҳанӯз мавҷуд будани мушкилоти мунтазаме, ки ба рушди соҳаҳои дигар таъсири манфӣ мерасонанд, қайд гардид.

– Ҳамаи мо бояд як чизро дарк намоем. Тӯли се соли охир мо барои аз байн бардоштани камбудиҳои соҳа бисёр чораҳо андешидем. Вале, агар натиҷаҳоро таҳлил кунем, хоҳем дид, ки талаботи аҳолӣ ва соҳибкоронро бо нафт, газ, энергияи электр мунтазам ва пурра таъмин карда наметавонем. Бинобар ҳамин ҳам бояд ба ҳар кадом масъала эътибори ҷиддӣ дода, дар пояи муносибатҳои нав кори самарабахш ба роҳ монда шавад. Агар мо ин вазифаҳоро сари вақт иҷро накунем, наметавонем ба мақсадҳое бирасем, ки дар соҳаи иқтисодиёт пешбинӣ намудаем, – гуфт роҳбари давлат.

Нокифоягии корҳо бинобар бозсозии корхонаҳо, дар таъминоти газ роҳ додан ба талафоти зиёд ва номураттабӣ таъкид шуд.

Барои таъминоти мунтазами соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ бо гармӣ ба зиммаи Вазорати энергетика вазифаи соли равон нисбати соли 2019-ум беш аз 4 миллиард метри мукааб зиёд кардани истеҳсоли гази табиӣ гузошта шуд. Бинобар коҳиш додани талафоти технологӣ ва аз байн бардоштани номураттабӣ дар истеҳсолот супоришот дода шуданд.

Роҳбари давлат зарурати ҷалби ширкатҳои байналхалқии консалтингиро ба фаъолияти идораи лоиҳасозӣ бинобар ислоҳкунии соҳаи нафту газ, ба роҳ мондани ҳаҷми музди меҳнати роҳбарони корхонаҳо бо нишондиҳандаи асосии самаранокӣ (KPI) таъкид кард. Супориш дода шуд, ки дар тамоми корхонаҳо комплеанс – назорати зиддикоррупсионӣ ҷорӣ карда шавад.

Ба ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекнефтегаз» супурда шуд, ки ҳолати ҳар кадом конро аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил кунад ва зиёд кардани ҳаҷми истихроҷи газро таъмин намояд.

Зарурати анҷом додани татбиқсозии 3 лоиҳа оид ба сохтмон ва бозсозии воситаҳои ҷудокунии омехтаҳои пропану бутан ба мақсади қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ ба гази моеъ зикр шуд.

Ҷараёни сохтмони завод оид ба истеҳсоли сӯзишвории моеи синтетикӣ (GTL) дар пойгоҳи Маҷмӯи газу кимиёи Шӯртан баррасӣ гардид. Бобати дар корхонаҳои соҳа ҷорӣ кардани низоми «кони рақамӣ» ва автоматикунонии идораи хоҷагиву ҳисобу китоби захираҳо супоришот дода шуданд.

Ба зиммаи ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ӯзтрансгаз» ва «Ҳудудгазтаъминот» вазифаи то моҳи июли соли равон вобаста кардани 2,5 ҳазор истеъмолгарони азим ба ҳисобу китоби онлайни истеъмоли гази табиӣ гузошта шуд. Зарурати дар доираи автоматикунонии назорат ва ҳисобу китоби истеъмол гузоштани ҳисобкунакҳои замонавии электронии газ нисбати на камтар аз 2 миллион истеъмолгар таъкид шуд.

Шахсоне, ки ба ҳарҷи зудтар татбиқ намудани чораҳои дар машварат муҳокимагардида масъул мебошанд, муайян карда шуданд.

**ӮзА.**

## Шарҳи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи омурзиши гурӯҳи шахсоне, ки ҷазоро дар ҳабсхонаҳо гузаронида, барои кирдорашон аз тахти дил тавба кардаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд»

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Фармон «Дар бораи омурзиши гурӯҳи шахсоне, ки ҷазоро дар ҳабсхонаҳо гузаронида, барои кирдорашон аз тахти дил тавба кардаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд» имзо гузошт.***

Бо фармон мувофиқи боби 23-юми моддаи 93-юми Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон **58** нафар шаҳрвандоне, ки надониста ҷиноят содир намуда, муҳлати ҷазоро мегузаранд, вале аллакай бинобар кирдорашон сидқидилона тавба карда, қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд, омурзида шуданд.

Аз ҷумлаи омурзидашудагон **41** нафар шартан – пеш аз муҳлат аз ҷазо озод карда, ҷазое, ки нисбати **3** нафар таъин шудааст, ба ҷазои нисбатан сабук табдил дода мешавад, хулоса, аз муассисаҳои иҷрои ҷазо **44** нафар озод карда мешаванд. Ғайр аз ин муҳлати ҷазо дар шакли аз озодӣ маҳрум кардан, ки нисбати **14** нафар таъин гардида буд, ихтисор карда мешавад.

**2** нафари омурзидашудагон занон ба шумор мераванд.

Ин рӯйдод таҷассуми амалии дар мамлакати мо татбиқ гардидани сиёсати инсонпарварӣ, ҳамчунин нишонаи сифатҳои неки халқи мо, аз ҷумла кушодадилӣ, ҳусни тараҳҳум, некӣ ва меҳру мурувват ба шумор меравад.

Дар доираи татбиқ намудани фармон ба вазорату идораҳои масъул супурда шуд, ки нисбати шахсоне, ки ба оила ва назди қарибони худ бармегарданд, баҳри мутобиқати иҷтимоӣ, ба меҳнати фоиданок ҷалб намудан, интихоб кардани тарзи солими ҳаёт ва мақоми сазовори худро дар ҷамъият ёфтанашон кӯмак расонанд.

**ӮзА.**

# БАРНОМАИ АМАЛИЁТИ МАМЛАКАТ

***Вақт хеле тез мегузарад. Азму талош, саъю кӯшишҳои шиддатноки ислоҳсозии солҳои охир дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат боиси дигаргуниҳои куллӣ ва рӯҳбаландии мардум мегарданд. Хушбахтона, он масъала ва иллатҳое, ки дар давоми даҳсолаҳо ба миён омада, ба пешрафти мамлакат монеа мешуданд, ҳаллу фасл мегарданд. Роҳу сиёсати одилонаву инсонпарваронаи давлати мо, ки ташаббускораш сарвари давлат аст, на фақат дили мардуми мо, балки дилҳои ҷомеаи дигарро низ ба ҷӯш меоварад.***

22 декабри соли 2019 дар мамлакати мо ба парламент ва шӯроҳои маҳаллӣ тахти шиори «Ӯзбекистони нав – интихоботи нав» интихоботи ҷавобгӯйи талабот ва меъёрҳои байналхалқӣ баргузор гардид. Он «барои Ӯзбекистон озмоиши ҷиддии сиёсӣ буд. Халқамон аз ин озмоиш бо рӯйи сурх гузашт...»

Чи хеле ки Президент дар Муроҷиатнома таъкид намуд, интихобот барои Ӯзбекистон муҳити нави сиёсиро ба вуҷуд овард. Талоши байни номзадҳои панҷ ҳизб дар фазои рақобати солими сиёсӣ ба амал омад.

Роҳи дуруст ва ягонаи пешрафти мамлакати мо будани ислоҳоти демократиро ҳаёт бори дигар исбот кард.

Дар мамлакатамон ислоҳоти соҳаи таълиму тарбия аз кӯдакистон то мактаби олӣ вусъат меёбад. Ҳоло 52 фоизи бачагон ба муассисаҳои таълими томактабӣ ҷалб гардидаанд. Соли ҷорӣ ба 60 фоиз расондани он пешбинӣ шудааст. Соли оянда қабули донишҷӯён ба мактабҳои олӣ бо тартиби грант ду баробар меафзояд. Тартиби аз фанни забони модарӣ супоридани имтиҳон дигаргун мешавад. Дар мактабҳои олӣ фанҳое, ки ба ихтисос алоқаманд нестанд, маҳдуд мегарданд. Муҳлати таълим дар мактабҳои олии педагогӣ (бакалавр) се сол мешавад.

Дар шаҳру ноҳияҳои мамлакатамон татбиқ шудани барномаҳои «Обод маҳалла» ва «Обод қишлоқ» имкон медиҳад, ки баҳри ободгардонии кишвар корҳои ҷолиби диққат ба сомон расанд. Ободию осоиштагии маҳалла ободию осоиштагии мамлакатро таъмин месозад. Имрӯз дигаргуниҳо – ободонии кӯчаҳо, бунёди иморатҳои зебо, таъмири роҳҳо, дастрасии оби тозаи ошомиданӣ, гузарҳои чароғон, ки дар як қатор маҳаллаҳои ноҳияи Шофиркон, аз ҷумла, дар Ҳайдаробод, Чандӣ, Талисафед, Ҷӯйработ, Бобоато ба амал омадаанд, ҳамдиёронамонро хурсанд мекунанд.

Мо дар ин ҷо бинобар баъзе нуктаҳои Муроҷиатнома сухан гуфтем, ҳол он ки вай кулли масъалаҳои ҳаёти мамлакатамонро дар бар мегирад.

Дар амал татбиқ шудани масъала ва нуктаҳои муҳими Муроҷиатнома имконият медиҳад, ки Ватанамон ободу фаровон, халқамон серу пур ва рӯзгорамон орому осуда бошад.

**Ҳазрат МАВЛОНОВ,**
**депутати Шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Шофиркон.**



*Аз ҷониби ҳукуматамон ба масъалаи бошуғлфарогирии заноне, ки дар деҳоти дурдаст ба сар мебаранд, рӯйи эътибор гардонда мешавад. Дар деҳоту маҳаллаҳо ва минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ оиди бошуғлфарогирии аҳолии ниёзманд, хусусан, занон, чорабиниҳои гуногун ба амал татбиқ мегарданд. Дар ин росто қарори роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳо оиди ташкил додани истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагию трикотаж дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва бошуғлфарогирии аҳолӣ», аз 28 майи соли 2019, дастуруламали муҳим мегардад.*

*Фабрикаи дӯзандагии сендвичи панелдоре, ки дар деҳаи Маданияти ноҳияи Яккабоғи вилояти Қашқадарё созмон дода шудааст, яке аз ин гуна чорабиниҳост. Баъди ба кор шурӯъ кардани корхонае, ки арзиши лоиҳавиаш 2 миллиарду 300 миллион сӯмро ташкил медиҳад, дар деҳаи Маданият 92 нафар занону духтарон бо шуғл фаро гирифта шуданд.*

***Дар акс:** дар фабрикаи дӯзандагии мазкур.*

***Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

# КОРХОНАИ НАВИ СЕМЕНТ БА КОР ШУРӮЪ КАРД

***Дар ноҳияи Бешариқ марҳилаи аввали корхонаи муштараки “Farg`ona Yasin qurilish mollari”-и Ӯзбекистон–Чин ба кор оғоз намуд. Ин корхона аз тарафи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Great Amirxan oil” ва ширкати чиноии «Shanxi Xiangsheng» бунёд шудааст.***

Дар маросими ифтитоҳи корхонаи мазкур ҳокими вилоят Шӯҳрат Ғаниев суханронӣ кард. Ба гуфтаи ҳоким ҳамкориҳои байни Ӯзбекистон ва Чин ҷиҳати арзи вуҷуд намудани корхонаҳои муштараки саноатӣ дар вилояти Фарғона беш аз пеш доман фарох менамояд.

– Дар муддати якуним соли охир бо сармоягузорони чиноии худ корҳои зиёдеро анҷом додем. Бар асоси роҳандозии технологияҳои замонавии истеҳсолӣ марҳилаи аввали лоиҳаи madди назар ба кор даровардa шуд. Дар ин ҷо рӯзе 2 ҳазору 500 тонна сементи хушсифат истеҳсол мегардад, – гуфт ноиби директори корхонаи муштараки “Farg`ona Yasin qurilish mollari” Эркинҷон Маҳмудов.

Вай афзуд, ки маҳсулоти истеҳсолнамудаи ин корхонаи муштарак дар пешрафти иқтисоди вилоят ва ҷумҳурӣ низ нақши муҳим хоҳад бозид. Бино ба ин манбаъ дар марҳилаи аввал ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти семент ба нақша гирифта шудааст. Дар ин корхона 300 нафар аҳолии маҳаллӣ ба кор таъмин шуданд.

Ба суоли он ки чаро маҳз барои татбиқи лоиҳаи мазкур ҳамин минтақаи вилоят интихоб гардидааст, чунин посух дода шуд, ки дар ин ҷо конҳои аз захираҳои ашёи хоми семент, оҳаксанг ва хоку гил фаровон хеле зиёданд.

Қимати умумии татбиқи ин лоиҳа 200 миллион долларро тақозо намудааст. Гуфта мешавад, ки соле корхонаи муштарак 2 миллион тонна сементи хушсифат истеҳсол мекунад.

– Агар марҳилаи дувуми ин корхона фаъол гардад, ба таври илова боз 700 нафар одамон ба ҷойи кор таъмин карда мешаванд. Маҳсулоти корхонаи мо дар баробари таъмини эҳтиёҷи дохилӣ, ҳамчунин ба хориҷи кишвар низ содир хоҳад шуд, – мегӯяд Эркинҷон Маҳмудов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# МУРОҶИАТНОМАИ ПРЕЗИДЕНТ БА ОЛИЙ МАҶЛИС – ДАР ОИНАИ АФКОРИ УМУМ

***Маркази ҷумҳуриявии омӯзиши афкори умум «Ижтимоий фикр» дар байни аҳолии кишвар «Шаҳрвандони Ӯзбекистон дар бораи Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис» пурсиши телефонӣ гузаронд, ки дар он муносибати шаҳрвандон ба ҳадаф ва самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии Ӯзбекистон дар соли 2020, ки дар Муроҷиатномаи сарвари давлатамон ба парлумон муайян шудааст, ошкор гардиданд.***

Пурсиши телефонӣ дар байни сокинони тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Дар он мардону занони 18-сола ва аз он боло, сокинони шаҳру деҳот, намояндагони миллатҳои гуногун ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки дар ҷанба ва соҳаҳои гуногун кор мекунанд, ширкат варзиданд.

Тавре ки маълум аст, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев санаи 24 январи соли 2020 ба Олий Маҷлис оид ба натиҷаи корҳо дар соли 2019 ва самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар дар соли 2020 бо Муроҷиатномаи худ баромад кард.

Тибқи натиҷаҳои пурсиши телефонӣ аксарияти шаҳрвандони кишвар, яъне 78,9 фоиз бо Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис, ки тавассути Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон ва шабакаҳои Интернет мустақиман намоиш дода шуданд, ошноӣ пайдо кардаанд. Сатҳи баланди шавқу рағбати шаҳрвандон ба Муроҷиатнома аз таваҷҷӯҳи ҷомеа ба равандҳои сиёсии дар кишвар руҳдода, инчунин ҳисси дахлдорӣ ва масъулияти шаҳрвандон барои тақдири давлат ва иҷрои ҳадафу вазифаҳои дар Муроҷиатнома муайяншуда шаҳодат медиҳад.

Ҳангоми пурсиши телефонӣ сарчашмаҳои асосии иттилоот муайян карда шуданд, ки тавассути онҳо шаҳрвандони кишвар бо мазмуни Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис шинос шуданд. Ҳамин тариқ, 80,1 фоизи пурсидашудагон пахши мустақими муроҷиати сарвари давлатро дар телевизион тамошо карданд. Ҳар як даҳумин иштирокчии таҳқиқот дар бораи ин рӯйдоди муҳими сиёсӣ дар ҳаёти кишвар бо шарофати барномаҳои хабарӣ ва таҳлилӣ, ки барои ошно ва тавзеҳ додани моҳияти Муроҷиатнома равона шудаанд, маълумот гирифтанд. 6,6 фоизи ширкаткунандагон посух доданд, ки пахши мустақими Муроҷиатномаро аз Интернет тамошо карданд. Илова бар ин, 3,3 фоизи шаҳрвандон гуфтанд, ки онҳо аз Муроҷиатномаи Президент аз хешовандон, дӯстон ва ҳамкасбонашон огоҳӣ ёфтанд, ки ин маънои акси садои баланд доштани сухани сарвари давлатро дорад.

Тавре ки таҳқиқоти телефонӣ нишон доданд, аҳолии кишвар муроҷиати сарвари давлатро ба парлумон мусбат арзёбӣ намуданд. Аз рӯйи натиҷаҳо, аксарияти кулли ӯзбекистониён – 97,2 фоиз боварӣ доранд, ки ташаббусҳои Шавкат Мирзиёев ва нақшаи дарозмуддати ислоҳоти минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба рушди ҳамаҷониба ва босуръати давлат ва ҷомеа нигаронида шудаанд, ба тағйироти мусбии вазъи иқтисодии кишвар, мустаҳкам намудани мавқеи Ӯзбекистон дар арсаи байналмилалӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон ва сифати зиндагӣ мусоидат менамояд.

Дар рафти пурсиши телефонӣ андешаи ӯзбекистониён оиди кадом бандҳои Муроҷиатномаи Президенти кишвар ба Олий Маҷлис дар онҳо таассуроти амиқтар гузоштааст, муайян карда шуд.

Аксарияти мутлақи шаҳрвандон – 67,4 фоиз ҷавоб додаанд, ки яке аз вазифаҳои афзалиятноки Муроҷиатнома ин таъмини суботи иқтисодии кишвар, пешгирии инфлятсия ва паст кардани сатҳи қашшоқӣ мебошад. Дар ҷараёни пурсиш шаҳрвандон ибрози андеша карданд, ки суханони сарвари давлат дар бораи “музди меҳнат, нафақа ва кӯмакпулиҳо пеш аз сатҳи инфлятсия афзоиш меёбад” ба ақидаҳои онҳо оид ба адолат мувофиқат мекунанд ва изҳори умедворӣ карданд, ки онҳо албатта амалӣ хоҳанд шуд. Дар зеҳну дили ҳар як ӯзбекистонӣ ин таманнои Шавкат Мирзиёев оиди «дар кишвари мо, ҳар оила хона, манзили худро дошта бошад» вокуниши хосе дошт.

Пурсиши телефонӣ нишон дод, ки дар 61,5 фоизи шаҳрвандон аз он, ки сарвари давлат ба мубориза бо коррупсия эътибори калон медиҳад, таассуроти махсус гузошт. Бино ба гуфти сокинон, қарори Президент дар бораи таъсиси як сохтори зиддикоррупсионӣ дар кишвар муҳим аст, ки он на танҳо бо ришвахорӣ мубориза барад, балки бо пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ шуғл варзад. Иштирокчиёни пурсиши телефонӣ алоҳида таъкид карданд, ки онҳо ақидаи сарвари давлатро пурра ҷонибдорӣ мекунанд, ки «то тамоми ҷомеаи мо, ба маънои рамзӣ, бо «ваксинаҳои ростқавлӣ» эм карда нашаванд, мо ба ҳадафҳои худ расида наметавонем».

Ташаббусҳои Президентро оид ба минбаъд такмил додани муҳити корӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани қонунгузории соддакардашудаи андоз ва механизмҳои сабуккунандаи пардохти андоз бо имконоти батаъхиргузорӣ ё тамдиди муҳлат, ҷорӣ кардани тартиби баргардонидани қисми андоз аз арзиши иловашуда ба соҳибкорон ҳангоми фурӯши маҳсулот махсусан иштирокчиёни пурсиши телефонӣ дастгирӣ ва тасдиқ карданд. Шаҳрвандон инчунин чораҳоеро, ки ба соддагардонии тартиби иҷозатномадиҳӣ ва додани иҷозатномаҳо, инчунин ба танзим даровардани санҷишҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳо нигаронида шудаанд, дастгирӣ мекунанд.

Ба ақидаи 58,9 фоизи шаҳрвандон самти афзалиятнок чораҳо оид ба рушди илм, маориф ва инноватсия, тарбияи кадрҳои насли нав, ки ҳамчун ташаббускорони ислоҳот баромада, соҳиби биниши стратегӣ, дониши амиқ ва тахассуси баланд мебошанд, ба ҳисоб мераванд. Ташаббуси Президент оид ба афзоиш додани қабули ҷавонон ба таҳсилоти олӣ ва пешниҳоди ду баробар зиёд кардани ҳиссаи донишҷӯён аз ҳисоби грантҳои давлатӣ низ боиси дастгирии махсуси аҳолӣ гардид.

(Давомаш дар саҳ.2).

# МУРОҶИАТНОМАИ ПРЕЗИДЕНТ БА ОЛИЙ МАҶЛИС – ДАР ОИНАИ АФКОРИ УМУМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Тибқи ақидаи 56,3 фоизи шаҳрвандоне, ки дар пурсиш иштирок кардаанд, ташаббусҳои сарвари давлат дар самти баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоиву сиёсӣ ва иҷтимоии занон, фароҳам овардани шароит барои татбиқи худ дар соҳаҳои гуногун, таъмини риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо аҳамияти муҳим доранд. Дар ин роҳ ҷудо кардани 100 миллиард сўм қарзи имтиёзнок барои татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратии 5,5 ҳазор зан қадами муҳим мебошад. Ғайр аз ин, давлат бунаки ибтидоии 1576 занро барои хариди манзили нав ҷуброн мекунад.

Дар ҷараёни таҳқиқот 53,9 фоизи шаҳрвандон изҳор карданд, ки вазифаҳоро оид ба рушди сайёҳӣ, аз ҷумла ҳаҷ ва тибб тасдиқ мекунанд. Респондентҳо зарурати ба рўйхати мероси моддӣ ва ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО дохил намудани объектҳои нави Ўзбекистонро комилан дастгирӣ мекунанд.

Тибқи 49,3 фоизи пурсидашудагон пешниҳоди роҳбари давлат дар бораи он, ки шахсони бешаҳрванд — тақрибан 50 ҳазор нафаре, ки то соли 1995 ба мамлакати мо омадаанд, шаҳрвандии Ўзбекистонро мегиранд, аҳамияти махсус дорад.

Иштирокчиёни пурсиши телефонӣ бовар доранд, ки Президент ба ҳифзи саломатии шаҳрвандон, ислоҳоти соҳаи нигаҳдории тандурустӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, фароҳам овардани шароити муносиби корӣ ва баланд бардоштани даромади кормандони тиб ва таҳкими нуфузи онҳо дар ҷомеа аҳамияти махсус медиҳад. Шаҳрвандон пешниҳоди сарвари давлатро дар бораи зарурати ҷорӣ кардани назорат аз болои гардиши доруворӣ, манъ кардани гардиши маҳсулоти қалбакӣ ва ташкили системаи назорати воқеии дору дастгирӣ мекунанд.

Тадқиқоти телефонӣ нишон дод, ки 49,2 фоизи аҳолии Ўзбекистон чораҳоро дар самти пурзўр гардондани ҷой ва нақши мақомоти худидоракунии шаҳрвандон дар ҷомеа, баланд бардоштани аҳамият ва нуфузи маҳаллаҳо дар ташаккул додани муҳити эҳтиром ва ҳамбастагии мутақобила, ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ муҳим мешуморанд. Аз ҷумла, пурсидашудагон корҳоеро, ки дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» оид ба сохтмон ва ободонии маҳаллаҳо, сохтани роҳҳо ва роҳравҳо, таъмир ва сохтмони системаҳои нави обтаъминкунӣ, кашидани лўлаҳои газ ба минтақаҳои дурдаст ва дастнораси кишвар, бо қувваи барқ беист таъмин кардани аҳолӣ иҷро шудаанд, дастгирӣ мекунанд.

Тадқиқоти телефонӣ нишон дод, ки 98,1 фоизи шаҳрвандон пешниҳоди Президентро дар бораи «Соли рушди илм, маърифат ва иқтисоди рақамӣ» эълон кардани соли 2020 дар Ўзбекистон комилан ҷонибдорӣ мекунанд. Ба ақидаи пурсидашудагон, таъмини татбиқи босуръати технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ яке аз шартҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии кишвар мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дорои эътибори баланд ва эътимоди мардуми Ўзбекистон мебошад. Аксарияти пурсидашудагон – 93,6 фоиз ба Президенти кишвар пурра боварӣ доранд ва мутмаинанд, ки ҳадафҳои роҳбари давлат дар Муроҷиатнома ба Олий Маҷлис ба рушди минбаъда ва такмили бисёр соҳаҳои ҳаёти кишвар ва ҷомеа, тағйироти кишвар нигаронида шудаанд ва ҳаёти шаҳрвандонро беҳтар мегардонанд.

Дар маҷмўъ пурсиши телефонӣ нишон дод, ки шаҳрвандони Ўзбекистон самти стратегии ислоҳот ва бозсозии минбаъдаи кишварро, ки дар Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис пешниҳод гардидаанд, ҷонибдорӣ мекунанд ва бовар доранд, ки чораҳои тахти сарварии роҳбари давлат оид ба рушди Ўзбекистон, ташкили иқтисодиёти донишбунёд, рушди босуръати саноат, соҳаҳои нақлиёт, энергетика, рушди тиҷорат ва сайёҳӣ, маориф ва тандурустӣ барои кашфи иқтидори мардум, сафарбар намудани он ба коре, ки некўаҳволӣ ва шукуфоии давлат аз он вобаста мебошанд, имкониятҳои навро фароҳам меоранд.

**Дар асоси маводи Маркази «Ижтимоий фикр» М. АНИСИМОВА омода кард. ЎзА.**

***Қабулу вохўриҳои оммавӣ бо аҳолӣ, аз он ҷумла, ҷавонон, ки бинобар супориши сарвари давлатамон гузаронда мешаванд, дар ошкор кардан ва барҳам додани мушкилоти муҳими маҳалҳо аҳамияти бузург доранд.***

# ДАР МЎЙНОҚ ТАЪМИНОТИ ҚУВВАИ БАРҚ БЕҲТАР МЕГАРДАД

Дар яке аз чунин чорабиниҳо, ки дар ноҳияи Мўйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон тахти роҳбарии мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Т. Худайбергенов гузаронда шуд, роҳбарони вазорату идораҳои мамлакатамон иштирок карда, бо мушкилоте, ки аҳолиро ба ташвиш меоваранд, шинос ва барои аз байн бардоштани онҳо тахти назорати шахсони масъул мӯҳлаташон муайян карда шуданд.

Аз ҷумла, барои таъмири майдони варзишии мактаби таълими ҳамагонии 9-ум, ки дар нуқтаи аҳолинишини ҷамоати шаҳрвандони авули "Бузатов"-и ноҳия воқеъ гардидааст, масолеҳи зарурӣ расонда шуданд.

Боз як мушкилоте, ки аҳолии маскуни ин маҳалро ба ташвиш меоварад, ҳолати таъминоти қувваи барқ мебошад. Бо назардошти ин тахти роҳбарии кормандони масъули ҷамъияти саҳҳомии "Ҳудудий электр тармоқлари" гурўҳи корӣ ташаккул ёфт. Тавре ки маълум гардид, дар натиҷаи бо шиддати баланд кор кардани нуқтаҳои трансформатории деҳа ва сол аз сол зиёд шудани аҳолӣ ба баъзе хонаҳо иқтидори қувваи барқ аз меъёр кам дода мешуд. Фарсуда шудани ҳолати хатҳои интиқоли барқ, аз он ҷумла ҳавоӣ, инчунин боиси номураттабии интиқоли қувваи барқ мешаванд.

Дар асоси нақшае, ки гурўҳи корӣ фавран тайёр намудааст, иваз намудани 5,1 километр хати интиқоли барқи ҳавоӣ ва кашидани кабел ба нақша гирифта шуд. Корҳо дар ин самт бо ёрии техникаи махсус оғоз ёфтанд. Аз ҳама муҳимаш, нуқтаи трансформаторие, ки дар тўли як рўз васл гардид, имкони бо қувваи барқ таъмин намудани 60 хонадонро фароҳам овард. Инчунин, ба охир расондани кор оид ба иваз намудани 860 симчўби фарсуда ба нақша гирифта шудааст, ки беҳтар гардондани таъминоти қувваи барқи беш аз 500 оилаи нуқтаи аҳолинишини Шагирлиро фароҳам меоварад.

Ин гуна корҳо, ки дар деҳоти дурдасти ноҳияи Мўйноқ гузаронда мешаванд, ба беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ ва минбаъд мустаҳкам гардидани эътимоди онҳо ба мақомоти давлатӣ хоҳад шуд.

**Д. АБИБУЛЛОЕВ, мухбири ЎзА.**



*Гармхонаи нави замонавие, ки дар назди заводи сементи Шерободи ҷамъияти саҳҳомии «Комбинати металлургияи кўҳии Олмалиқ»-и ноҳияи Шеробод барпо гардидааст, дар асоси технологияҳои компютерӣ идора карда мешавад.*

*Дар гармхонае, ки як гектар майдонро дар бар гирифтааст, барои содирот беш аз 21 ҳазор бех кўчати помидори содиротӣ парвариш карда мешавад. Дар ин ҷо 25 нафар занону духтарон ва ҷавонони деҳоти Оқтош, Вандоб, Пошхўрд ва Тузкон бо шуғл фаро гирифта шудаанд.*

*Бино ба гуфти дастандаркорон ҳосили аввал дар арафаи ҷашни Наврўз ҷамъоварӣ гардида, ба фармоишгарони хориҷӣ интиқол дода мешавад.*

***Дар акс:** дар гармхона.*

***Аксбардор: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

# CNN: Ўзбекистон – марвориди Осиёи Марказӣ

***Ширкати расонаҳои америкоии "Cable News Network" (CNN) мақолае нашр кард, ки дар бораи иқтидори сайёҳии кишвари мо нақл мекунад.***

CNN пешсафи ҷаҳонӣ дар тавлид ва пахши маводҳои хабарӣ аст.

Мавриди зикр аст, ки ин мавод дувумин нашри CNN дар бораи кишвари мо дар тўли як моҳи охир мебошад, ки ба имкониятҳои сайёҳии Ўзбекистон, мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи он, инчунин меъмориҳои қадимии Самарқанд, Бухоро ва Хева бахшида шудаанд.

Тибқи иттилои нашрияи америкоӣ, дар гузашта Ўзбекистон «қалби тамоми ҷаҳон» буд. «Дар маркази Роҳи абрешим қарор дошта, тоҷиронро аз Чин ва Ҳиндустон ба баҳри Миёназамин, Ўзбекистон ҷалб карда, манбаи дониш ва илм буда, дастовардҳои худро дар тамоми қитъа паҳн мекард», нигоштааст CNN.

«Алгебра аз Ўзбекистон дар асри X ба туфайли Муҳаммад ал-Хоразмӣ, тиб ва фалсафа ба шарофати Абўалӣ Сино омадааст. Берунӣ, як марди боистеъдод буда, дар асри XI оид ба математика, антропология, астрология ва ҷуғрофия рисолаҳо навиштааст. Баъд аз асрҳо Улуғбек, набераи Амир Темур, ин мавҷи донишро барои сохтани расадхонаи муосири астрономӣ дар қуллаи баланди Самарқанд истифода бурд" алоҳида таъкид менамояд нашрияи америкоӣ.

Дар мақола ба шаҳрҳои қадимаи Ўзбекистон диққати махсус дода шудааст: «сайёҳони тамоми ҷаҳон ба маҷмааи Ичан Қалъа дар Хева – як дурдонаи таърихи Ўзбекистон меоянд, ки онро ЮНЕСКО қайд менамояд ва бо меъмории таъсирбахш ғанӣ гардонда шудааст – қабрҳои бенури сангин, ки бо содагии худ фарқ мекунанд, дар паҳлўи мадраса ва музейҳо ҷойгиранд. Ин ҳама қариб ба як майдони наворгирии филм шабеҳ аст ва шояд ягона ҷое дар Ўзбекистон бошад, ки ҳама ба корвонсаройҳои гузашта майли рафтан мекунанд».

CNN инчунин ба хонандагони худ харобаҳои ҳудуди Қароқалпоқистонро муаррифӣ карда, қайд мекунад, ки «дар ҳамворӣ ёдгорие мавҷуд будааст, ки мутааллиқ ба салтанати пуршарафи зардуштӣ буда, шояд қудрати аввалин дар ҷаҳон бошад, ки аз дарёи Ҳинд то Балкан дар Аврупо паҳн шудааст».

Тибқи иттилои ширкати ВАО Нукуси муосир ба як шаҳри бароҳат табдил ёфтааст, ки дар он Игор Савитский барои ҷамъоварии коллексияи калони расмҳои авангард кор кардааст.

Илова бар ин, дар мавод ёдоварӣ мешавад, ки «абрешим як қисми босуръат рушдёбандаи таърихи Марғилон буд ва рўйпўшҳои матоъҳои дурахшон ба Русия, Форс, Константинопол, Ҳиндустон, Сурия, Арабистон, Италия ва ҳатто ба кишварҳои Африқои Шарқӣ содир карда мешуданд».

Метрои Тошканд низ дар маркази диққати CNN қарор доранд: «он бо меъмории ғафс, ҷаззоб оро дода, то осмон афрохта шудааст. Ҳар як истгоҳи зеризаминӣ бо истгоҳҳои ба таври аҷиб тархрезишуда оро дода шудааст – дар яке аз онҳо шифтҳои кандашудаи хокистарӣ бо лампаҳои барокко оро дода шудаанд; дар дигараш, чеҳраи Валентина Терешкова, аввалин зани кайҳоннавард; савум бошад, аз нигоштаҳои экстравагантии пахтагӣ мунаввар гардонда шудааст», – таъкид мекунад нашрия.

Дар мақола ҳамчунин омадааст, ки Ўзбекистон барои сайёҳии гастрономӣ нерўи калон дорад.

"Таоми миллии кишвар — палав бо зиравори лаззатнок карда шудааст. Он метавонад як таоми ҳамарўза бошад, аммо инчунин барои тўй ва чорабиниҳои махсус пешбинӣ шудааст. Хушбахтона, барои сайёҳон онро дар ҳама ҷо – аз хурдтарин ҷойи хўроккўрӣ то тарабхонаҳои замонавӣ пайдо кардан мумкин аст», менигорад CNN.

Дар хотима, нашрия тавсия медиҳад, ки ба Ўзбекистон дар фасли баҳор ё тирамоҳ ташриф оред, инчунин вақти кофиатонро (се ҳафта) барои завқ бурдан аз иншооти зебои меъморӣ ва мероси таърихӣ ва фарҳангии кишвар сарф намоед.

**АИ «Дунё»,** *ВАШИНГТОН.*

Тақдимот

# АДАБИЁТИ НАЗАРИЯВӢ БАРОИ ЖУРНАЛИСТОН

***Дар чорабиниҳо доир ба фаъолияти журналистон ё дар вохўриҳо бо журналистони собиқадор бештар ёдрас мешуд, ки дар Ўзбекистон ба омода кардани журналистони бомаҳорат адабиёти илмиву назариявӣ қариб мавҷуд нест.***

Аз ин рў бо супориши Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Оҷонсии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ бо ҳамкории профессор-муаллимони Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавӣ, Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳон ва Донишгоҳи миллӣ дар муддати 5 моҳ маҷмўи 10 ҷилдаи китоби илмиву оммавӣ барои соҳаи журналистика ба нашр омода карда шуд.

Дар маросими муаррифии маҷмўъ оиди ҳар як ҷилди он: «Назария, таърих ва рушди журналистика», «Ҳуқуқ ва ахлоқи журналистика», «Лингвистика ва таҳрир», «Журналистикаи махсус», «Сотсиология ва психологияи журналистика» ва ғайра сухан рафт. Барои муайян кардани ҳар як ҷилд, боб ва мавзўъҳои он гурўҳи корӣ иборат аз намояндагони муассисаҳои таълими олии номбурда, Оҷонсии ахбори миллӣ, Телерадиокомпанияи миллии Ўзбекистон, Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммавии электронӣ, Агентии ахбори «Дунё» ташкил карда шуд.

– Маҷмўи мазкур солҳои донишҷўиамро ба ёд овард, – гуфт узви Сенати Олий Маҷлис Маҳмудҷон Парпиев. – Адабиёт оиди соҳа ангуштшумор буд. Мо – донишҷўён аз он бо навбат истифода мебурдем. Ин мушкилӣ то солҳои охир давом кард. Албатта, маҷмўи мазкур дар соли «Рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ» ба аҳли илму маърифат туҳфаи муносиб шуд.

Дар чорабинӣ доир ба вазъи имрўзаи соҳаи журналистика низ сухан рафт. Аз ҷумла, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Хуршед Дўстмуҳаммад гуфт, ки вақте ки оид ба тайёр кардани чунин дастуруламал шунидам, бовариам наомад. Азбаски китоб дар муддати кўтоҳ омода шуд, эҳтимол дар он камбудиҳо низ вохўранд. Аммо гап дар сари он аст, ки назарияи журналистика хеле ақиб мондааст, нашри чунин асар хеле зарур буд. Ҳоло ба аҳволи рўзномаҳои ҷумҳурӣ баҳои мусбат дода намешавад.



Декани факултаи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳон Амрилло Каримов гуфт: – Донишҷўён дар татбиқи назария ба амалия душворӣ мекашанд. Барои ин ба онҳо бояд шароит фароҳам оварда шавад.

**Набия НОДИРОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».**

Хабарҳо

## Муҳокимаи Муроҷиатнома бо иштироки ҷавонон

***Дар Институти лоиҳасозӣ, барпо ва эксплуататсияи роҳҳои автомобилии Тошканд аз ҷониби Кумитаи саноат, сохтмон ва савдои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон суҳбати даврӣ ташкил ва муҳимтарин масъалаҳое, ки дар Муроҷиатномаи навбатии роҳбари давлат ба парлумон ба миён гузошта шуданд, мавриди гуфтугўй қарор гирифтанд.***

Дар чорабинӣ, ки тахти мавзўи «Ҳар як масъалаи Муроҷиатнома – долузарб» рўи кор омад, баромадкунандагон мазмун, моҳият ва аҳамияти таърихии Муроҷиатномаро шарҳ дода, таъкид сохтанд давлати мо барои ҳарҷониба қонеъсозии ниёзи ҷавонон, офаридани имконияти васеъ барои таҳсил ва башуғлфарогирии онҳо чораҳо меандешад. Густариш бахшидани доираи фарогирии мактабҳои олӣ, ду баробар зиёд кардани грантҳои давлатӣ, ҷудо сохтани грантҳои алоҳида барои донишҷўдухтарон, содда ва оптимализозии шартҳои қабул ба муассисаҳои таълими олӣ чун масъалаҳои муҳим дар маркази эътиборанд.

## Дар доираи мулоқот бо халқ – суди сайёр

***Корҳои тарбиявӣ дар ҳабсхонаҳо самара бахшида ва гурўҳҳои махсус, ки аз ҳисоби муҳофизони ҳуқуқ, ходимони идораҳои корҳои дохилӣ ташкил ёфтаанд, дар ин бахш фаъолият мебаранд.***

Маҳкумҳое, ки аз карда пушаймон ва майл ба одобу ахлоқи ҳамида доранд, пеш аз мўҳлат ба озодӣ бароварда мешаванд, ки ин низ нишон аз адолатнокии қонунҳои мост.

Ходимони идораи корҳои дохилии ноҳияи Мирободи пойтахт, аз ҷумла, бобати ахлоқан ислоҳ шудани 4 нафар маҳкум хулоса пешниҳод намуданд. Ба ин муносибат доварони корҳои ҷиноии идораи судии ноҳияи зикршуда як рўзи худро ба шаҳрвандон бахшиданд. Дар ҷамъомаде, ки рўи кор омад, аз маҳаллаҳои гуногуни ноҳия намояндагон, ки асосан ҷавонон буданд, иштирок намуданд. Ба саволҳо, ки асосан дар мавзўъҳои суду ҳуқуқ буданд, судяҳо ҷавоб гардонданд.

Дар доираи мулоқоти доварон бо халқ суди сайёр гузаронида ва чаҳор нафар маҳкум, ки дар боло таъкид карда гузаштем, мувофиқи моддаи 73-юми Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Ўзбекистон ба тарзи шартӣ ба озодӣ бароварда шуд.

Масъалаи ба шуғл таъмин кардани онҳо, айни замон, аз эътибор дур намонд.

## Шоштепа — дар маркази эътибор

***Дар маҳаллаи Кўкалдош, ки дар қисмати куҳнаи шаҳри Тошканд воқеъ аст, бахшида ба муҳофизат намудани ёдгориҳои ҳафриётии Шоштепа суҳбати даврӣ ба амал омад.***

Ёдгории мазкур, ки ба асри IX пеш аз милод ва садаи XVII милодӣ мутааллиқ буда, дар соҳили канали Ҷун, кўчаи Шоштепаи ноҳияи Сергели ҷойгир аст, дер боз эътибори қадимшиносҳоро ба худ мекашад.

Бозёфтҳои нодире, ки аз ин ҷо пайдо шудаанд, аснои қайди 2200-солагии Тошканд чун экспонати муҳим ба кор омадаанд.

Таъкид гашт, ба муҳофизати давлатӣ фаро гирифта шудани қитъаи мазкур аҳамияти калонро молик буда, алъон оиди дар роҳи ривоҷи сайёҳӣ истифода кардани Шоштепа Консепсияи махсус кор карда бароварда мешавад.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

***Ҳокими вилояти Фарғона Шуҳрат Ғаниев бо як гурўҳ мутахассисони соҳаи таҷҳизоти тиббӣ ва соҳибкорони Исроил ва Русия мулоқот намуд. Ў меҳмононро ба вилоят хайрамақдам гуфт ва иброз дошт, ки ташрифи онҳо барои беҳбуд ёфтани корҳои соҳаи тандурустӣ, хоссатан, саломатии модару кўдак нақши муассир хоҳад дошт.***

# САЛОМАТИИ МОДАРУ КЎДАК– ДАР МАДДИ НАЗАР

Дар ин мулоқот мустаҳкам намудани саломатии модару кўдак ва таъмини таваллудхонаҳо бо дастгоҳҳои замонавӣ, ки барои солим ба дунё омадани тифлакон мусоидат хоҳанд кард, дар меҳвари гуфтугў қарор гирифт. Ҳамчунин, зимни мулоқот аз он ёдоварӣ карда шуд, ки дар маркази вилояти Фарғона Хазинаи иҷтимоии «Модар ва кўдак» ифтитоҳ ёфтааст ва фаъолияти он бояд беш аз пеш тавсеа бахшида шавад.

– Бори аввал аст, ки ба Ўзбекистон ва Фарғонаи шумо меоям. Аз ин сафар хеле хушҳолам. Дар бобари овардани дастгоҳҳои замонавии тиббӣ, ки барои зоишгоҳ ва саломатии модару кўдак заруранд, мо ба такмили касби мутахассисони тиббӣ низ машғул хоҳем шуд, – гуфт директори генералии ширкати «MVI medical centre» (Исроил) Наталя Мелек.

Хонум Мелек афзуд, ки дар кишвари ў ба роҳ мондани хизмати тиббӣ хеле хуб ташкил шудааст ва умедвор аст, ки ҳамин корро дар Фарғона низ ба роҳ монад.

– Дар қарне, ки тамоми соҳаҳоро технологияҳои наву замонавӣ фаро гирифтаанд, истифодаи таҷҳизоти наву замонавии тиббӣ дар вилояти шумо низ ба роҳ монда мешавад. Худи мо ба ҳамин кор машғулем ва ҳамтоёни худро дар Фарғона ба ин кор ҷалб хоҳем кард,– мегўяд директори генералии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Хизмати дастгоҳҳои тиббӣ»-и Русия Сергей Артёмов.

Тибқи гуфтаҳои директори генералии Хазинаи байналмилалии «Salus» (Исроил) Егор Иванков ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мутахассисони фарғонагӣ самараи хуб хоҳад дод.

Меҳмонон дар бораи иҷрои нақшаҳое низ табодули назар намуданд, ки дастандаркорони Хазинаи иҷтимоии «Модар ва кўдак»-и вилоят зимни мулоқот муаррифӣ намуданд.

**Файзулло ИБРОҲИМОВ.** *Вилояти ФАРҒОНА.*

# ШИРКАТИ «BORTEX» БО ЎЗБЕКИСТОН ҲАМКОРИРО БА РОҲ МЕМОНАД

***Дар сафоратхонаи Ўзбекистон барои кишварҳои Бенилюкс бо шариксоҳиби ҷамоаи ширкати «Bortex» (Малта) Сэм Борж вохўрӣ ба амал омад.***

Ҷонибҳо масъалаҳои ба роҳ мондани ҳамкории соҳаҳои дўзандагии ин ҷамоаи бузургро бо Ўзбекистон, аз ҷумла, ҳамкорӣ оид ба истеҳсоли сарулибоси брендҳои машҳурро дар мамлакати мо, содироти онҳо ва фурўшашонро ба ретелерҳои аврупоӣ баррасӣ карданд.

Ширкати «Bortex» соли 1964 аз ҷониби тоҷири малтагӣ С.Борж ҳамчун корхонаи муштарак бо ширкати «Van Gils»-и Нидерландия ташкил гардид ва ба истеҳсоли сарулибосҳои баландсифати болопўши мардон тахассус дорад, он муҷовири брендҳои машҳури аврупоӣ ба шумор меравад.

Ширкат, ки ситодхонаи он дар Малта қарор дорад, дар Тунис соҳиби майдони худии истеҳсолӣ мебошад ва дар Чин корхонаҳои муштарак дорад. Вай ҳамчунин ба фурўши сару либос ба Малта машғул мешавад, дар Британияи Кабир, Шведсия, Сербия, Русия, Полша ва Алҷазоир дорои шабакаи дўконҳои «Gagliardi» мебошад.

Дар ҷараёни вохўрӣ муаррифии рушди соҳаи дўзандагии Ўзбекистон, иқлими сармоявии мамлакат, чораҳое, ки бинобар то ба дараҷаи ақалл коҳиш додани содироти нахи пахта ва афзун кардани истеҳсоли маҳсулот бо арзиши иловагӣ андешида мешаванд, ба амал омад.

Сэм Борж хабар дод, ки ширкати «Bortex» аз ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо бозори дўзандагии зудривоҷёбандаи Ўзбекистон, аз ҷумла сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои нави истеҳсолӣ, фиристодани супоришҳо барои дўхтани сару либосҳои болоии мардона ба истеҳсолгарони маҳаллӣ, ҳамчунин фурўши молҳои баландсифат дар тамоми шабакаи дўконҳои ҷамоа ба Русия, Полша, Сербия ва кишварҳои дигар манфиатдор мебошад.

Дар ин маврид, бинобар суханони ў, омўхтани муҳити ҷории сармоявӣ дар мамлакат ва тайёр будани истеҳсолгарони ўзбекистонӣ ба таъмин сохтани меъёрҳои сифати «Bortex» муҳим ба шумор мераванд.

Бо мақсади баррасии самтҳои эҳтимолии ҳамкорӣ бинобар ба роҳ мондани сафари ҳайатҳои ширкат ба Ўзбекистон моҳи марти соли равон муоҳида ба имзо расид.

**АИ «Дунё»,** *шаҳри БРЮССЕЛ.*

Ба пешвози зодрӯзи Алишер Навоӣ

# МЕҲРУ МУШТАРӢ

Яке аз муаллифони ин сатрҳо охирин бор моҳи сентябри соли 2008 аз Самарқанд боздид карда буд. Дар толори театри ба номи Навоӣ 1150-солагии саромади адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро таҷлил менамуданд. Аз камина – намояндаи Панҷакент низ хоҳиш намуданд, ки сухан гӯям. Аз ҷойгоҳи Устод Рӯдакӣ дар адабиёти ҷаҳон, яке аз нуқтаҳои муҳими пайванди азалии порсигӯёни ду тарафи марз, фарзанди Панҷакент, он замон музофоти Самарқанд будани ӯ сухан гуфтам, шеърҳои устодро қироат намудам, китобҳоеро, ки дар Тоҷикистон ба ифтихори ин ҷашнвора ба нашр расида буд, ба дӯстон тухфа кардам.

Он рӯз номи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Амир Алишер Навоӣ низ чун тимсоли дӯстии ду халқ вирди забонҳо буд. Рафоқату дӯстии бузургони ду миллатро адабиётшиноси тоҷик Алии Муҳаммадии Хуросонӣ «Меҳру муштарӣ» гуфтааст. Воқеан, муносибати дӯстонаву равобити адабии ин ду шоиру мутафаккири бузург аз ҷониби ховаршиносони русу тоҷик ва ӯзбек тадқиқ шудааст. Тибқи ин тадқиқот равобити бевоситаи Алишер Навоӣ бо Абдураҳмони Ҷомӣ, ки чун олиму шоири тавоно ва пири тариқат шуҳрат дошт, ба сифати шогирд ва мухлис дар Ҳирот соли 1464 оғоз гардида, то охири умри онҳо идома ёфтааст. Шогирду устод дар ҳама лаҳзаҳои умр паҳлӯи якдигар қарор доштанд.

Ба таъкиди Алии Муҳаммадии Хуросонӣ «Ҳар гоҳ сухан аз боби муҳити адабиву фарҳангии нимаи дуюми қарни XV Ҳирот равад, пеши назар дафъатан чеҳраҳои ду ситораи нуронӣ, ду муҷассамаи бузурги хирад, ду раҳнамои маъруфи адабиёту фарҳанги ин давра, ду заҳматкашу ҷонфидои халқу миллат, симоҳои абадзинда – Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ падид меоянд».

Бале, номи ин ду шахсияти бузург ба рамзи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек табдил ёфтааст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳама корҳое, ки вазиру шоир Алишер Навоӣ анҷом медод, маслиҳатгару мушовир низ будааст. Устод Садриддин Айнӣ навишта, ки борҳо Алишер Навоӣ аз дасти душманон ба танг омада, мехост тарки дарбор намояд, «аммо ба ин кори ӯ Ҷомӣ розигӣ намедод ва ҳар чӣ ҳам бошад, дар дарбор ва дар мансабу вазорат будани ӯро барои мамлакат фоиданок медонист».

Баъди тарки дарбор муносибати устоду шогирд боз ҳам қаринтар гашт ва Алишер Навоӣ ба фирқаи Нақшбандия, ки ба он устодаш роҳнамоӣ мекард, дохил шуд.

Алишер Навоӣ дар ҷанозаи фарзанди устодаш паҳлӯи ӯ қарор дошт. Дар «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» чунин навишта: «Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ – он соҳибдили бузургвор ва соҳибкамоли нубувваткирдор, ин хоксори парешонрӯзгорро бо илтифотҳои азим сарбаланд ва бо навозишҳои ғариб арҷманд карда, дар байни абнои ҷинсаш сарфароз, балки аз ҷинои башар мумтоз менамуданд».

Ба иқрори худи Алишер Навоӣ ӯ асарҳояшро амалан бо маслиҳати устодаш эҷод кардааст. Масалан, дар сабаби эҷоди «Хамса», ки ба таъкиди устод Айнӣ «яке аз беҳтарин намунаҳои адабиёти классики Шарқ аст» худи Алишер Навоӣ гуфта:

*Форсӣ чун гашт дар эшон адо,*
*Туркӣ кунам нест аҷаб ибтидо.*
*Форс чу хурсанд шуд аз он гуҳар,*
*Турк ҳам ар шод шавад хубтар.*
*Роҳбарӣ карда Низомӣ маро,*
*Ёр шавад Хусраву Ҷомӣ маро.*

(Тарҷумаи устод Айнӣ)

Воқеан, Алишер Навоӣ таълимашро ба забони арабию форсӣ гирифта, аз худ осори зиёде ба форсӣ-тоҷикӣ бо тахаллуси Фонӣ боқӣ гузошта, ки адабиётшиноси фақид Аълохон Афсаҳзод дар рисолаи «Пайванди қарнҳо» бахшида ба осори Навоӣ, онро аз 11 қасида, 485 ғазал, 36 қитъа, 68 рубоӣ, 500 муаммо ва дигар анвои шеър иборат медонад. Ғазалҳои форсии Алишер Навоӣ ба таъкиди Афсаҳзод хеле дилчаспанд. Ба ин байтҳо таваҷҷӯҳ намоед:

*Паймонаи май ҷӯён, рафтам сӯи майхона,*
*Берун наравам з-он ҷо, пур нанмуда паймона.*
*Шайхони мувоҷотӣ, риндони хароботӣ,*
*Ҷӯянд туро, ҷоно, дар каъбаву бутхона.*

Чунин мисолҳоро, ки намунаи ҳунари волои Алишер Навоӣ аст, зиёд овардан мумкин.

Ба таъкиди сарчашмаҳо Алишер Навоӣ ҳанӯз дар айёми ҷавонӣ аз осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Низомӣ, Ҳоқонӣ, Аттор, Саъдӣ, Мавлоно Балхӣ, Амир Хисрав, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ беш аз 50 ҳазор байт аз ёд медонист. Алишер Навоӣ ҳанӯз дар понздаҳсолагӣ чун шоир шинохта шуда, ба ду забон – туркӣ ва форсӣ шеър мегуфт. Худи ӯ фармуда:

*Маънии ширину рангинам ба туркӣ беҳад аст,*
*Форсӣ ҳам лаълу дурҳои самин, чун бингарӣ,*
*Гӯиё дар растабозори сухан бикшудаам,*
*Як тараф дукони қаннодиву як сӯ заргарӣ.*

Дар рӯзи вафоти Абдураҳмони Ҷомӣ бошад, Алишер Навоӣ соҳибазо маҳсуб мешуд ва ин марги ҷонсӯзро дар таркиббанди машҳураш, ки бо матлаи зер оғоз меёбад, тасвир кардааст:

*Ҳар дам аз анҷумани даҳр ҷафои дигар аст,*
*Ҳар як аз анҷуми ӯ доғи балои дигар аст.*

Ба рағми ҳама истибдоди таърих мардуми ин ду диёр, ки замоне сарзамини воҳид доштанд, бо ҳам мезистанд. Умеди мо ба он аст, ки эҳёи робитаю ҳамкориҳо, дӯстию қаробатҳо ба нафъи истиқлолияти ҳарду кишвар бошад.

Ҳоло сокинони Панҷакент ҳамарӯза аз дидори дӯстону ҳамзабонони самарқандӣ баҳра мебардоранд. Дар гузаргоҳи сарҳадии Саразм-Ҷартеппа дар симои онҳо дӯстонро мебинанд ва ҳамин тавр дӯстона пазироӣ мекунанд.

**М. ДӮСБОЕВ,**
**Т. СОЛЕҲЗОДА,**
*шаҳри ПАНҶАКЕНТ.*

# ВАЗИФАҲОИ МУҲИМИ КИНОСОЗОН

***Солҳои охир дар роҳи ривоҷи кинематографияи миллӣ низ корҳои муҳим ба иҷро расонда шуданд. Барои ба дараҷаи талаботи замон тараққӣ додани соҳа, айни замон, қадамҳои ҷиддӣ гузошта мешаванд. Кино, зимнан, баробари санъат будан ба сифати яке аз соҳаҳои муҳими саноат ҳам дар мустаҳкамсозии пояҳои иқтисодии мамлакат ва пешравии кишвар нақши босазо дорад.***

Тӯли солҳое, ки сипарӣ гашт, филмҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ, мултипликатсионӣ ва бисёрқисмата, ки офарида шуданд, аз ҷиҳати миқдор қобили таваҷҷӯҳ бошанд ҳам, картинаҳое, ки воқеан ба дараҷаи санъат расидаанд, он қадар зиёд набуданд.

«Ӯзбекфилм» як вақтҳо шуҳрати ҷаҳонӣ дошт. Аммо асарҳое, ки тӯли ду-се даҳсолаи охир офарида шуданд, хеле кам ба экранҳои ҷаҳон баромаданд. Дараҷаи филмҳои бадеию ҳуҷҷатӣ ва сериалҳои мо, ки дар ҷашнвораҳои байналхалқӣ аз сафи ғолибон ҷой гирифтаанд, чандон қаноатбахш нест. Коргардонҳое, ки таҷрибаи кофӣ надоранд ё худ мутахассиси соҳа нестанд, низ ба филмофарӣ шурӯъ карданд. Оператор ва нақшофарони кӯчагии тасодуфӣ низ гоҳо ба ин кор ҷазм сохта, ба зиёд шуда рафтани картинаҳои бесифат, аз нигоҳи савия ва бадеият суст сабаб шуданд. Ин ба эътирози ҳаққонии таҳиягарон ва устодони соҳаи синамо, ҳамчунин доираи васеи тамошобинон боис гашт.

Вақтҳои охир ба миқдор не, ба сифат ва савия эътибори авалдараҷа нигаронидан дар назди эҷодкорони кино вазифаи муҳим қарор мегирад. Баҳри ривоҷи кинодраматургия низ чораҳо андешида мешаванд. Замонҳое дар таълифи сенарияҳо барои филм Абдулло Қаҳҳор, Саид Аҳмад, Раҳмат Файзӣ, Ӯлмас Умарбеков, Учқун Назаров барин адибони номӣ фаъолона ширкат меҷустанд. Имрӯз баъзе филмҳои тиҷоратие, ки рӯи экран мебинанд, дар асоси «сенария»-и қаламбадастоне корбаст шудаанд, ки онҳо аз адабиёт ва муҳити воқеии эҷодӣ фарсаххо дуранд.

Давр тақозо дорад студияҳои давлатию хусусӣ дар навбати аввал ба ғоя, мазмуну муҳтавои сенарияҳое, ки таълиф ёфтаанд, эътибор нигаронанд. Асарҳо барои кино, тавре ки як вақтҳо ҷорӣ буд, бояд аз ғалбери муҳокимаҳо гузаронида шаванд. Модоме ҳунарпешагон барои иҷрои як ё якчанд нақш аз санҷиш мегузаранд, хуб мешуд танҳо аз рӯи филмномаҳое кино офарида шавад, ки онҳо дар озмун-азназаргузарониҳо, ки махсус эълон мегарданд, ғолибӣ ба даст оранд.

Ҳайат ё шӯрои бадеӣ, ки тақдири асарҳо барои кинонро муайян мекунад, аз мутахассисони варзида таркиб ёфтанаш шарт. Роҳ гузоштан ба шиносбозӣ ё сӯиистифода аз вазифа чун дар соҳаҳои дигар ба пешравии кинематография низ халал мерасонад.

Даҳсолаҳои охир кинотеатрҳо дар аксар шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ аз эътибор дур монда, ду-се соли охир барои аз нав барқарор сохтани онҳо чораҳо андешида ва тамошобинон ба кинотеатрҳо ҷалб мегарданд.

Президентамон дар Муроҷиатнома ба парлумон, аз ҷумла, таъкид сохт дар соҳаи кинематография бояд рушди саноати муосири филм, сохтани кинотеатрҳои нав ва эҷоди асарҳои баланд таъмин карда шавад.

Ба наздикӣ дар Агентии миллии «Ӯзбеккино» таҳти мавзӯи «Кинои ӯзбек: вазифаҳои навбатӣ ва истиқболнок, тамоюлҳои рушд» кинофорум баргузор ва дар он оиди зарурияти иҷрои вазифаҳое сухан рафт, ки роҳбари давлати мо дар назди киносозон гузоштааст.

Барои тарҳи замонавӣ гирифтани масканҳое, ки дар онҳо кино намоиш карда мешавад, гузаронидани корҳои таъмиру тармим маблағ талаб мекунад. Барои ин аз буҷаи давлат 40 млрд. сӯм ҷудо карда шудааст. Биноии корхонаи давлатӣ-унитарии «Ӯзбекфилм», Кохи кинои ба номи Навоӣ, аз ҷумла, то 1 апрели соли равон бояд аз таъмири пурра бароварда шаванд. Барпои кинотеатрҳои наву замонавӣ низ ба нақша гирифта шудааст.

Нақшаҳои «Ӯзбеккино» таваҷҷӯҳангез: дар бораи шоир ва мутафаккирони бузург Навоӣ ва Бобур филмҳои нав офарида мешаванд. Ба сурат бардошта шудани картинаҳо оид ба фаъолияти ибратбахши олимон, муаллимон, ҷавонони эҷодкор ва шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд мавриди назар мебошад.

Дар соли 2020 ба экран баровардани 30 филми бадеӣ ва 30 филми ҳуҷҷатие, ки ҷамъ аз 60 қисм иборат аст, ба нақша даромадааст.

Барои истиқболи сазовори 75-солагии Ғалабаи бузург дар назди киносозон низ вазифаҳои муҳим истодаанд. Таҳияи филмҳои ҳуҷҷатӣ, ба эътибори тамошобинони рӯз расонидани фактҳои таърихӣ аҳамияти ҷудогона дорад.

Охирҳои соли 1941 дар остонаи Смоленск гурӯҳи калони аскарҳои мо асир афтода, ба консლагери Амертферт воқеъ дар Нидерландия фиристода шуданд. Ҷамъи асирон тақрибан 800 нафар, аз онҳо 101 нафарашон ҷанговароне буданд, ки аз вилояти Самарқанд сафарбар карда шудаанд.

Фашистон ба назди асирон, ки азоби гуруснагӣ аз сар мегузаронанд, пораҳои нонро ҳаво медиҳанд. Душман нигарон, ки асирон чун сагҳои гурусна ба нон дарафтанд. Фотографҳо омодаи ба навор бардоштан. Гэббелс ба ин восита «халқҳои ёбоӣ»-ро чӣ тавр хор мекунад ва бо ин гӯё ба чӣ қодир аст, ба дунё намоиш дода, ҳамчунин аскарони худро рӯҳбаланд гардонданист. Вале тири душман хок мехӯрад: асирон нонпораҳоро бо эҳтиёт бардошта, ба чашм молида, ба якдигар дароз мекунанд...

Филми ҳуҷҷатии «101» аз ин хусус бо кӯмаки молиявии ҳокимияти вилояти Самарқанд ба навор гирифта шуда ва 40 дақиқа давом мекунад. Он дар арафаи 75-солагии ҷашни Ғалаба намоиш хоҳад ёфт.

**М. ШОДИЕВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**



*Дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон муаррифии достонҳои «Ҳайрат-ул-аброр», «Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Саъбаи сайёр» ва «Садди Искандарӣ»-и Алишер Навоӣ, ки аз ҷониби Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Ғафур Ғулом рӯйи чопро дидаанд, баргузор шуд.*

*Асари «Хамса»-и шоир, ки панҷ достонро дар бар мегирад, мероси абадзинда мебошад. Дар кишварамон ба тарғибу ташвиқи мероси шоири бузург ва аз онҳо баҳраманд гардонидани китобдӯстон эътибор дода мешавад.*

*Аз ҷониби Хонаи табъу нашри ба номи Ғафур Ғуломи Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон достонҳои «Хамса» ҳар кадом дар алоҳидагӣ аз нав ба дасти чоп дода шуд.*

*Як ҷиҳати ба худ хоси нашри мазкур он аст, ки баъзе вожаҳои мушкилфаҳм аз ҷониби навоишинос Ваҳҳоб Раҳмон мавриди шарҳу тафсир қарор гирифтаанд. Ҷамоаи нашриёт тасмим гирифтааст, ки ғазалу рубоиҳо ва дигар осори Навоиро низ ба дасти чоп супорад.*

***Аксбардор: А. АБДУЛЛОЕВ (ӮзА).***

# ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ РИВОҶ МЕЁБАД

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Комиссияи олии аттестатсионии Девони Вазирон дар мавзӯи «Вазифаҳои устувор дар фаъолияти Комиссияи олии аттестатсионӣ» нишасти матбуотӣ ба амал омад. Дар он намояндагони созмони номбурда, мутахассисон ширкат варзиданд.***

Дар чорабинӣ таъкид гардид. ки дар солҳои охир дар мамлакати мо барои тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогии баландмалака, аз аттестатсия гузарондани онҳо эътибори алоҳида дода мешавад. Дар ин ҷараён Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи минбаъд такмил додани низоми таълими пас аз мактаби олӣ» аз 16 феврали соли 2017 ва қарор «Дар бораи чорабиниҳои ҷорӣ кардани тамоилҳои нави идоракунӣ дар низоми таълими олӣ ва миёнаи махсус» аз 11 июли соли 2019 аҳамияти таърихӣ касб кард.

Хусусан, дар давоми солҳои 2013-2019 аз 3450 нафар талабгор 1175 нафар ба дараҷаи доктори илм ва 2275 нафар ба дараҷаи доктори фалсафа тасдиқ гардид. Аз инҳо 787 нафар доктори илм ва ҳамаи докторҳои фалсафа дар давраи пас аз 1 июли соли 2017 ба гирифтани дараҷаи илмӣ ноил гардиданд.

Дар ин бобат боз як чизро қайд кардан лозим аст: то 1 июли соли 2017 дар муассисаҳои таълими олӣ ва илмиву тадқиқотии ҷумҳурии мо 40 шӯрои илмӣ фаъолият карда бошад, айни замон миқдори онҳо ба 160 адад расидааст.

Соли 2019 дар раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ ҳамагӣ 1612 кори аттестатсия дида баромада шуд.

Боз як масъалаи мавриди таваҷҷӯҳ ин аст, ки 33 фоизи докторҳои илм ва 37 фоизи докторҳои фалсафаро бонувон ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои илмии ҳамаи диссертатсияҳои ҳимояшуда ба амалиёт ҷорӣ карда шуданд. Барои шиддат бахшидан ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва тараққиёти инноватсионии мамлакати мо бинобар такмил додани салоҳияти илмӣ ва илмиву педагогии сифатнок, пеш бурдани фаъолияти илмӣ, хусусан, шароити васеъ фароҳам овардан ба ҷавонони боиқтидор, рағбатноксозии фаъолияти илмии самаранок, истифодаи оқилона аз таҷрибаҳои пешқадами хориҷӣ ва баланд бардоштани сифат ва самаранокии ташкил кардани аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогии баландмалака як қатор пешниҳодҳо кор карда шуданд. Аз ҷумла, барои минбаъд ривоҷ додани тадқиқотҳои дорои хусусияти инноватсионӣ, амиқсозии интегратсияи илм ва истеҳсолот, роҳандозии механизмҳои самаранокии босуръат дар амалиёт ҷорӣ кардани натиҷаҳои илмӣ, рағбатноксозии таваҷҷуҳи ҷавонон ба фаъолияти илмӣ, баланд бардоштани нуфузи илмӣ тартиби дар асоси низоми ҳимояи бинарӣ (дутоғӣ) ба довталабе, ки доктори фалсафа (PhD) ё дараҷаи илмии ба он баробар мебошад, доктори илм (DSc), ба довталабе, ки натиҷаҳои илмиро ба амалиёт татбиқ кардааст, додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ҷорӣ карда мешавад.

Барои ноил шудан ба истиқлолияти муассисаҳои таълими олӣ ва илмиву тадқиқотӣ дар соҳаи аттестатсия ваколати мустақил додани унвонҳои илмии корманди калони илмӣ ва профессор ба тариқи таҷриба ба 30 муассисаи таълими олие, ки бинобар рейтинги муассисаҳои таълими олӣ баланд меистанд, ҳамчунин, дар асоси тавсияи Академияи илмҳо ба шӯроҳои муассисаи тадқиқоти илмӣ дода мешавад; бинобар роҳандозии имтиҳонҳои малакавӣ муассисаҳои таълими олӣ ва илмиву тадқиқотӣ ба аксарият ваколатҳо соҳиб мешаванд; бо назардошти талабҳои иқтисодиёти рақамӣ дар асоси низоми гардиши ҳуҷҷати электронӣ дар ҷараёни аттестатсия бинобар қабул кардани инҳо 5 таъминоти барномавӣ кор ва дар амалиёт ҷорӣ карда мешавад; бо мақсади ба ҳамаи нашрҳои илмии миллӣ шароити мусовӣ фароҳам овардан рӯйхати нашрҳои илмии миллие, ки барои чоп кардани натиҷаҳои илмӣ тавсия гардидаанд, бекор карда мешавад; эълон кардани мақолаҳо дар маҷаллаҳои дорои импакт-фактор, ки дар таҷрибаи байналхалқӣ васеъ корбаст мегарданд, ба ҷараёни аттестатсия ҷорӣ карда мешавад; тартиби эътироф кардани ҳуҷҷат дар бораи дар давлати хориҷӣ гирифтани дараҷа ё унвони илмӣ куллан аз нав дида баромада, дар Агентии хизматҳои давлатӣ ё даргоҳи Хизматҳои давлатии ягонаи интерфаъол амалисозии ҷараён роҳандозӣ хоҳад шуд.

Ба таъбири Президенти кишвар: «Мо дар асоси талабҳои замони ҳозира такмил додани фаъолияти ҳама соҳаҳои низоми таълим ва тарбияро вазифаи якумдараҷаи худ медонем».

**Х. ҲАМИДОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ПОЙ БИБАНД АЗ РАҲИ НОРАФТАНӢ...

***Дарҳости беҳтарине, ки меҳмон ба мизбон таманно мекунад, даст ба дуо бардошта "хонаат тӯйхона шавад", гуфтан аст. Воқеан, тӯй амри нек аст. Халқи мо аз қадимулайём бо нияти тӯй иморат мебардораду сарват меғундорад. Тӯйи фарзандонро дидан орзуи олитарини ҳар як падару модар аст...***

***Суҳбати мо бо яке аз ашхоси обрӯманди маҳаллаи «Фаровон»-и ноҳияи Сайҳунобод, ба қавле муаллими мӯйсафеди мактаби рақами 19-ум, Аълочии таълими халқ Бозорбой Қурбонов дар атрофи ҳамин масъала буд.***

**– Муаллим, шумо, албатта, аз қарору фармонҳое, ки бобати ба тартиб овардани тӯю маъракаҳо эълон шуданд, хабар доред. Хоҳишмандам, ки фикру мулоҳизаҳои хешро дар ин бора бо ҳаводорони рӯзномаи «Овози тоҷик» ба ҳам бинед.**

– Пеш аз он, ки банда баъзе мулоҳизаҳои худро иброз намоям, бояд гӯям, ки гуфтаҳоям ҳаргиз маънои «санги ман даҳ ман», ё «ҳамин тавр бояд бошад»-ро надорад. Онҳо танҳо фикру андешаҳои шахсианд, беш не. Албатта ҳар як қарору фармони Президент, ё Ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри накӯаҳволии мардуми кишвар аст. Аммо пас аз ҳар қарору фармоне, ки бевосита ба маънавияти халқ дахлдор бошад, вуҷудамро бори гарони хиҷолат фаро мегирад ва фишор меорад ба ақлам, ба шуурам. Ақл ба шӯр меояд: кай мо ба лаби ин вартаи бемаънавиятӣ расидем? Охир, аҷдоди мо, магар маҳз бо маърифату маънавияти хеш аз оламиён як сару гардан боло набуданд? Ба он мероси маънавие, ки насиби мо гаштааст, халқҳои олам то ҳол бо чашми ҳавас нигоҳ мекунанду (зеро на ҳамаи халқҳои дунё чунин ганҷина доранд) аз он (Худоё!) бештар аз мо баҳрабардоранд. Бигирем масъалаи китобхониро. Кор ба ҳадде расид, ки Президент ба он дахл кард, чашми моро кушод... Мо бояд шарм дорем... Ва имрӯз масъалаи тӯю маъракаҳо... Ба назар чунин мерасад, ки ин давоми мантиқии қарор оид ба китобхонист. Охир, ҳамаи ин болопариҳо, манманиҳо, худнамоиҳо, агар меваи бемаънавиятӣ бошад, бемаънавиятӣ самари китоб нахондан аст. Аз мост, ки бар мост!

**– Бале, муаллим, рост гуфтед, «аз мост, ки бар мост». Аммо шумо ҳамчун омӯзгор, яъне шахсе, ки бевосита бо маънавияти насли наврас сару кор дорад, баҳри ба мақсад расидан кадом роҳро наздиктар мебинед?**

– Роҳи нисбатан наздик ҳамҷиҳатӣ аст. На танҳо муаллимон, балки ҳамаи зиёиён бояд ҳамҷиҳат меҳнат кунем. Фарзандонро, ҳамсоягонро, ҳамдеҳагонро, ҳамватанонро бояд ҳидоят кунем, ба онҳо фаҳмонем, ки қарорҳои ҳукуматро на аз тарси ҷарима, балки бо дарки моҳияти онҳо ҳурмат кунанд. Ба аҳли доро низ бояд фаҳмонд, ки дабдабабозиҳо, худнамоиҳо аз бедиёнатӣ аст.

Воизи Кошифӣ дар «Ахлоқи Муҳсинӣ» овардааст: «...Ба амонат хиёнат раво нест. Масалан, дида амонатест, ки бад-он ба осори қудрат нанигаранд. Гӯш амонатест, ки суханони ҳақ истимоъ кунанд. Забон амонатест, ки бад-он зикр гӯянд. Даст амонатест, ки бар-он нафъ ба халқ расонанд...»

Бармеояд неъмате, ки Худо баҳри аҳли дорам арзонӣ кардааст, низ амонат аст, на баҳри худнамоӣ ва исрофкорӣ, балки барои хайру эҳсон ба ниёзмандон. Агар не он, ки қудрати додан дорад, қудрати боз пас гирифтан низ дорад...Ва ба амонат хиёнат, ғояти бедиёнатӣ будааст...

**– Аз хайру эҳсон ёдовар шудед, имрӯз вазъияти ҷомеа дар ин бобат дар кадом поя аст?**

– Хайру эҳсон як рукни маънавият аст ва дар радифи суннатҳои беҳтарини аҷдодӣ қарор дорад. Бояд эътироф намуд, ки сиёсати оқилонаи Президенти кишварамон дар ин ҷода низ бараъло намоён шуд. Тадбиркорону соҳибкорон ин суннати аҷдодиро ҳоло эҳтиром мекунанд ва боиси хурсандист, ки сафи онҳо торафт меафзояд. Ҳадисе, ки Мавлоно Ҷомӣ назм кардаанд:

*Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи Акбар аст,*
*Аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст,*

– месазад, ки яке аз шиорҳои рӯзгори имрӯзу фардои мо бошад. Бигирем тавонгаре фалон доллар сарф карда, тӯйи овозадоре дод. Овозаи он тӯй умри кӯтоҳ дорад. Агар ӯ даҳяки ҳамон сарватро сарф карда, тӯйи як ниёзмандро мегузаронд, чанд авлоди он ниёзманд номи ӯро бо эҳтиром ба забон мегирифт. Боз, савоб амалест, ба чашми Худованд наздик ва беҳтарин воситаи рафъи гуноҳ... Маврид, ки мувофиқ афтод, мехостам боз як мулоҳизаи решапайванди ин мавзӯъро гӯям. Чанд сол пеш тариқи телевизион барномаеро бо иштироки нависандаи шодравон Тоҳир Малик дида будам. Дар рафти барнома нависанда чунин гуфта буд: «...ба масҷиде даромадам, қолинҳои бешуморе таҳ карда монда...» ва мақсади нависанда аз ин наҳ задани ибодатгоҳ набуд. Ин ҷо боз гап дар сари ҳамон маънавият аст, саҳеҳтар гӯем, маънавияти эҳсон. Масҷид даргоҳи муқаддас аст, мардум он ҷо баҳри бо Офарандагор наздиктар шудан раванд ва месазад, ки обод кунем ин маконро. Аммо кош мо ба муҳтоҷон, ба мактабҳоямон низ бо ҳамин чашм нигоҳ кардан, дил ба даст оварданро меомӯхтем. Банда дар тӯли умри шасту ду солаам бори аввал аз даҳони Президент шунидам, ки дар ҷомеаи мо «камбағалон» низ будаанд. Ин ҳақиқати талхро дар 25 соли сипаригашта ягон роҳбар ба забон нагирифта буд. Бармеояд, ки будаанд ниёзмандони эҳсон. «Муъмин бародари муъмин аст». Пас дасти саховат дароз кунем ба бародари хеш...

**– Муаллим, вазъият дар мактаб чӣ гуна аст? Оё шогирдон доир ба тӯю маъракаҳо фикри мустақили худро доранд?**

– Мо дар деҳот зиндагӣ мекунем. Мардуми деҳот на танҳо ҳама якдигарро мешиносанд, балки ҳафт пушти якдигарро медонанд. Агар устод ба шогирд чизеро талқин кунаду шогирд дар зиндагӣ акси онро бинад, тасаввур кунед натиҷабардории ӯ чӣ ранг мегирад. Гуфтаниям, ки ин ҷо боз ҳамон ҳамҷиҳатӣ лозим аст, муамморо аз як гиребон сар баровардан ҳал мекунад. Албатта, устодон ҳидоятгари роҳи ростанд, аммо бояд гуфт, ки онҳо ба кӯмаки волидайн ниёз доранд. Ин гапи нав нест, балки муаммои кӯҳнаи ҳалталаб аст. Бояд иқрор шуд, ки ҳамкории мактабу падару модарон ба дараҷаи бояду шояд нест. Ба ҷуз аз ҷамъомади падару модарон (ҷамъомади модарон гӯем аниқтар аст) кам иттифоқ афтодааст, ки падар ё модаре омада, ба дарсҳо иштирок карда бошад... Чашм ибратгир аст. Пас мебояд зиндагии ҳаррӯзаи тамомии деҳа ибратгоҳи хуб бошад. Танҳо дар ҳамон сурат дар тарбияи насли наврас натиҷаи дилхоҳ ба даст меояд... Биёем ба масъалаи фикри мустақили шогирдон. Албатта, солҳои мактабхонӣ фикри мустақили хонанда то андозае шакл меёбад. Аммо олами романтика хеле мунаққаш аст ва ҷавонон моиланд ба ин олам. Аз ин рӯ табиист, ки фикру ақидаи онҳо тез-тез дигаргун мешавад. Бигирем, ҷавон тарафдори тӯйи пурдабдаба нест. Аммо падару модари ӯ: «мо орзую ҳавас дорем, ту як бор хонадор мешавӣ, аз пул парво накун» гӯянд, кам дар кам ҷавонон ба ақидаи худ истодагарӣ карда метавонанд. Чи тавре ки дар боло гуфтем, олами романтика хеле рангину...боз оҳанрабо дорад ва мешиканад «фикри мустақил»-ро... Мебинед, ки мо баҳри ҳалли муаммо боз сӯйи маънавият бояд равем...

**– Ташаккур, муаллим. Ба ҳаводорони »Овози тоҷик» боз чӣ гуфтаниҳо доред?**

– Орзуро айб нест, мегӯянд. Банда мехостам гӯям, ки кош садсолагии «Овози тоҷик»-ро бо даҳҳо ҳазор адади нашр пешвоз гирем. Он гоҳ бо овози баланд гуфта метавонистем, ки маънавияти халқи мо қомат рост кардааст.

**– Омин!**

**Тӯхтамиши БОҚӢ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Сирдарё.**

*Ҳикояҳои ибратпазир*

## Ба сухани кампираш гӯш карда…

Мӯйсафеде аз бозор баррача харид ва ният кард, ки онро калон карда қурбонӣ диҳад. Баррача то расидани моҳи қурбон чун қӯчқор калон шуд. Рӯзе кампири мӯйсафед гуфт:

– Додош, қӯчқорамонро фурӯхта, барои қурбонӣ ягон баррачаи хурдакакро биёред хуб мешуд.

– Не, ман ҳаминро ният карда будам, – гуфт мӯйсафед.

Кампир норозиёна ғур-ғур карду аз паси кораш рафт. Мӯйсафед фикр кард: «Гапи кампир ҳам ҷон дорад, қӯчқор нағзакак пул мешавад, бо нархи арзон баррачаеро боз мехарам».

Бо ҳамин фикру хаёл мӯйсафед ба бозор рафт.

Барраи калонакакро савдо кард ва хост аз ҳамёнаш пулро ба соҳиби барра диҳад.

Аммо дар кисааш пул набуд, кисабур пулашро рабудааст!

Мӯйсафед оташин шуда «ба гапи кампири кӯтоҳақл гӯш карда мани аҳмақ мурам, ҳозир рафта бо ӯ маслиҳат накарда қӯчқорро сар мекунам», гуфту роҳи хонаашро пеш гирифт.

Саросема ба молхона даромад ва «болои сӯхта намакоб», қӯчқор дар бандаш печида, ҳаром мурдааст.

## Амалҳои савоб

Пирамарде бемор шуд. Се нафар писарашро ба наздаш ҷеғ зада, молу мулкашро баробар тақсим кард ва гуфт:

– Писарҳоям, дар дастам танҳо як марвориди қиматбаҳо монд. Онро ба касе, ки се моҳи охир корҳои савобро иҷро кардааст, медиҳам.

Гапи падарро шунида писари калонӣ гуфт:

– Падарҷон, рӯзе дар соҳил гаштугузор мекардам. Ногоҳ чашмам ба ҷавонзане афтид, ки ин сӯ-он сӯйи дарё фарёдзанон тохту тоз дошт. Фаҳмидам, ки фарзанди хурдтараки ӯ ба об ғарқ шудааст. Ҷонамро дар хатар монда худро ба об андохтам ва хурдтаракро халос кардам. Модар фарзандашро ба оғӯш кашида, маро дуо кард.

– Боракалло, писар, ту кори мардро иҷро кардаӣ!

Навбат ба писари дуюм расид:

– Дар дукон бо хариду фурӯш машғул будам. Ношиносе омада, як даста пулро дода гуфт, ки «ба ту амонат, баъди ду-се рӯз омада мегирам».

Аз байн ду-се моҳ гузашт. Рӯзе соҳиби амонат омад ва ман онҳоро ба ӯ супоридам. Ба амонати ӯ хиёнат накардам.

– Боракалло, писар, ту ҳам кори ниҳоят олиҷанобро ба ҷо овардаӣ! Хиёнат накардан ба амонат кори савоб аст.

Писари сеюм ба сухан даромад:

– Маро душмане буд ашаддӣ. Рӯзе хостам ба сайри кӯҳ бароям. Ҳангоми сайр нигоҳам ба шахсе афтид, ки дар лаби ҷар мехобид. Агар каме ҷунбад, ба ҷарии бетаг меафтад.

Ба наздаш рафтам, дидам, ки ӯ душмани ашаддии ман.

Агар тела диҳам, ба ҷар афтида мемурад. Ба душманам маргро раво надидам.

Ӯро бедор карда «хез, ҳаётат дар хавф» гуфтам ва аз марг наҷот додам.

Пирамард писари сеюмро ба оғӯш кашида гуфт:

– Боракалло, писарам, ту низ кори савобро ба сомон расондаӣ, душманатро аз марг наҷот додаӣ. Ин марвориди қиматбаҳо аз туст.

Гирдоваранда

**Б. ФАРИШТА.**




## Фестивали пенчак-силат

***Дар Тошканд фестивали байналхалқӣ бахшида ба намуди варзишии пенчак-силат баргузор гардид, ки дар доираи он анҷумани сеюми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ ба амал омад.***

Пенчак-силат яке аз намудҳои варзише мебошад, ки дар солҳои охир дар ҷумҳуриҳои минтақа низ оммавӣ мегардад.

Тавре ки роҳбари Федератсияи пенчак-силати Ӯзбекистон Азиз Ҷӯрабоев мегӯяд, ҳоло дар Ӯзбекистон беш аз чор ҳазор нафар бо ин намуди варзиш машғул аст. Ва бинобар гуфтаҳои ӯ, дар даҳ вилоят шуъбаҳои пенчак-силат фаъолият дорад.

Моҳи июли соли ҷорӣ дар яке аз мамлакатҳои бунёдгузори Ассотсиатсияи байналхалқии пенчак-силат – Малайзия чемпионати ҷаҳон баргузор мегардад, ки дар он иштироки намояндагони беш аз 70 мамлакати ҷаҳон дар назар дошта шудааст.

Дар минтақаи мо ҳоло се бор чемпионат аз рӯи пенчак-силат баргузор шудааст. Дар ҷумҳуриҳои минтақа ба андозаҳои гуногун он оммавӣ мегардад.

– Дар ҷумҳурии мо низ пенчак-силат чанд сол аст, ки оммавият пайдо менамояд, – мегӯяд намояндаи федератсияи пенчак-силати шаҳри Душанбе Матлуба Каримова. – Дар ҷумҳурии мо хусусан ба намудҳои варзиши якҳарбаи сабук, ки ба танаи инсон зарбаи сахт намерасонад, эътибор зиёд аст.

Тавре ки ноиб-президенти федератсияи пенчак-силати Малайзия Мегат Зулқарнайн мегӯяд, бунёдгузорони Федератсияи байналхалқии ин намуди варзиш Малайзия, Индонезия, Бруней ва Сингапур мебошанд. Ҳоло барои боз ҳам оммавӣ намудани ин намуди варзиш дар ҷаҳон корҳои зиёд пеш бурда мешавад.

Дар фестивали Тошканд меҳмонон ғайр аз минтақаи Осиёи Марказӣ – Русия, Малайзия, Туркия, Индонезия низ ширкат намуданд.

**Т.МИРҲАЁЕВ.**

*Садсола шаведу…*

## ДАВЛАТИ ПИРӢ

Истиқоматкунандаи маҳаллаи Саккокии ноҳияи Учтепаи пойтахт Зиёвуддинбобо Асомов 100-сола шуд. Ба муборакбодсозӣ рафта, дар хонадони ӯ файзу таровати дигар ҳис кардем.

Фарзанд, набераю абера, қарибону пайвандон гирд омадаанд. Таҳти роҳбарии ҳокими ноҳияи Учтепа Ф.Абдуллоев раиси шуъбаи ноҳиявии бунёди «Нуроний» З.Асадов, раиси бунёди ҷамоатии хайрияи «Маҳалла» Ғ.Шамсиев, раиси шӯрои бунёди «Нуроний»-и шаҳри Тошканд Р.Калонов, намояндагони Иттифоқи ҷавонони ноҳия бо тӯҳфаҳо ба хонадони соҳибҷашн рафтанд. Бахту саодат, даму соатҳои хуши аъзои оиларо дида, дил мехоҳад шодмониҳо баҳам бинад. Дар ҳамин гуна синни муборак ҳам ҳар омадаро бо чеҳраи кушод истиқбол ва хайрамақдам мегӯяд Зиёвуддинбобо.

– Аз дилатон чӣ мегузарад, бобо? – табассумомез мепурсем. Мегӯяд:

– Аз он ки ба ин гуна рӯзҳои мунаввар ва доруламон расонд, ба Офаридгор шукрона меорам. Ба роҳбари давлат, бинобар эътибори муҳим ба солхӯрдагон, ташаккури беҳад. Ба давлати мо чашм нарасад. Дастархонамон ҳамеша пурнозу неъмат, диёрамон осуда, дар ҳама хонадонҳо осоиштагӣ ва хуррамӣ ҳукмрон бод.

З.Асомов соли 1920 дар Тошканд ба дунё омад. Солҳои 1935-1938 омӯзишгоҳи педагогии пойтахтро ба итмом расонд ва дар курси маҳви бесаводии маҳаллаи Қизилкӯпрук чун муаллим фаъолият намуд.

Дар солҳои душвори Ҷанги дуюми ҷаҳон, айни замон, ба таълиму тарбияи насли наврас машғул гардид. Баъди пирӯзӣ дар барқарорсозии хоҷагии халқ ҳисса гузошт. Барои хидматҳои шоён вай бо медалҳои «Барои хизмати фидокорона дар ақибгоҳ», «30-солагии Ғалаба аз болои фашизм», «Собиқадори меҳнат», ҳамчунин нишонҳои ба муносибати 50-солагӣ ва 70-солагии Ғалаба мукофотонида шудааст.

Имрӯзҳо садҳо нафар шогирдони З.Асомов дар соҳаҳои гуногун меҳнат мекунанд. Бобо бо ҳамсари худ Раҳимаая 5 писар ва 4 духтарро ба воя расонд, ки ҳама соҳиби маълумоти олианд. Духтараш Дилбарая ҳоло дар синни 74, писараш Ҳоҷимурод дар синни 72 буда, онҳо низ роҳҳои пасту баланди зиндагиро тай намудаанд.

Аснои шинос шудан ба роҳи ҳаётии Зиёвуддинбобо, ки соҳиби 22 набера, 46 абера ва 5 чабера мебошад, чӣ будани бардошт ва матонати инсониро дигарбора ҳис менамоед. На ҳар кас ба санҷишҳои рӯзгор тоб оварда ва бо шукру қаноат душвориҳоро паси сар месозад.

Зиёвуддинбобо дар ҳамин синну сол ҳам ҳамеша бо аҳли маҳалла ҳамнафас. Дуо мекунад меҳру оқибат дар байни мардум, хусусан, аҳли хонадон, байни хешу пайвандон кам нагардад.

Мегӯянд, дуои пирон иҷобат мегардад. Онҳо ба маънои ҳақиқӣ файзи хонадон, зинати рӯзгоранд. Умрашон зиёда бод, давлати пирӣ ба ҳар кас насиб кунад.

**Д. ГУЛЧЕҲРА.**

## ДАР САХОВАТУ ЭҲСОН

Подшоҳи Яман бо караму саховат ва хислати эҳсону мурувват худро ғолиб ҳисобида, барои хосу ом дастархон кушода ва икром ба мӯҳтоҷону дармондагон намуда буд.

Мехост, ки ҷуз номи карами ӯ бар забонҳо мазкур нашавад ва ғайр аз сифату сахои ӯ дар атрофи олами машҳур нигарад. Агар касе дар пеши ӯ сифати Ҳотам ба забон биёрад, оташи ғазабаш шӯълавар мегашт ва мегуфт: «Ҳотам марде саҳронишин аст. На ӯро рутбаи мамлакатдорӣ ва на мансаби фармонравоӣ, на қуввати ҷаҳонгирӣ ва на бозӯи кишвар. Пайдост, ки аз дасти ӯ чӣ карам ояд, ман он чи дар соле Ҳотам ҳосил ба даст орад, дар як рӯз ба соил (гадо) медиҳам ва сад баробари хони ӯ дар як чошт ба меҳмон мениҳам».

Рӯзе подшоҳи Яман ҷашни азим сохта буд. Ногоҳ касе ба ҳамду санои Ҳотам оғоз намуд.

Малик аз он биранҷид ва ирқи ҳасадаш ба ҳаракат омад ва ба худ андешид, ки забони аҳли замон дар ситоиши Ҳотам аст. Сифати накӯкориву меҳмондории ӯ бар дили мардумон фаромӯш не. Пас, беҳтар, ки киштии умри ӯро дар ғарқоби фано афганам ва рақами номи ӯро аз лавҳи зиндагонӣ мавҳ кунам.

Байт:

*Ки то ҳаст Ҳотам дар айёми ман,*
*Ба некӣ нахоҳад шудан номи ман.*

Дар пойтахти ӯ айёрпешае буд, ки барои як дирам сад хунро миён мебаст ва бо умеди андак фоида шишаи дили бисёр касонро ба санги ҷафо мешикаст.

Алқисса, шоҳи Яман ӯро талабид ва бо ваъдаҳо ӯро умедвор сохта фармуд, ки бо ҳазор найрангу ҳила Ҳотамро несту нобуд кунад.

Айёр ӯҳдадори қатли Ҳотам шуда, аз пайи қабилаи Тай гашт ва баъд аз муддате бадон сарзамин расид. Бо ҷавони хушхӯи накӯрӯе, ки симои бузургӣ ва хирадмандӣ аз ӯ ҳувайдо буд, мулоқот кард. Ҷавон аз рӯи меҳрубонӣ ва ширинзабонӣ ӯро пурсиши гарм намуд ва пурсид, ки аз куҷо меоӣ ва ба куҷо меравӣ?

Айёрпеша ҷавоб дод, ки аз Яман меоям, азимати Шом дорам. Ҷавон илтимос кард, ки имшаб ба хонаи ман меҳмон шав ва кулбаи маро бо нури ҳузури худ биёрой. Он айёр бо хушхӯйӣ ва дилҷӯӣ таклифи ҷавонро қабул кард ва рӯй бар манзили вай ниҳод. Ҷавон айёрро зиёфат кард ва ҳар лаҳза барои меҳмон такаллуфи зиёде менамуд ва таомҳову машруботи рангоранг тартиб мефармуд.

Меҳмон соат ба соат он ҷавонро таҳсин мекард ва ба забон санову офарини ӯ мегуфт. Байт:

*Таборакаллоҳ, аз ин мардумиву хушхӯӣ,*
*Гузаштаӣ зи ҳама некӯвон ба некӯӣ.*

Бад-ин минвол шаби тира ба поён расид ва субҳи равшан рӯй аз уфуқи Машриқ оғози тулӯъ кард. Меҳмон бо дидаи гирён бо мизбон хайрухуш намуд. Ҷавон дархост мекард, ки ду-се рӯзе ин ҷо истиқомат намоӣ.

Айёр гуфт, ки коре муҳим маро дар пеш аст.

Ҷавон гуфт, маро ташрифи марҳамият арзонӣ дор ва муҳиме, ки ҳаст бо ман дар миён ор. Шояд мададе расонам.

Меҳмон чун дилнавозӣ ва ҷавонмардӣ аз вай мушоҳида карда буд, ба худ тааммул намуд, ки кори муҳиме, ки маро дар пеш аст, бе имдод ва дастёрии чунин ёр саранҷом нахоҳад ёфт, ки мардест муруввату корсоз ва дилҷӯю ғарибнавоз. Ва беҳ аст, ки парда аз рӯи бардорам ва ӯро маҳрами худ созам.

Пас, ҷавонро савганд хӯронд ва бо таъкиди бешумор сирри худро ба ӯ дар миён ниҳоду гуфт:

«Шунидаам, ки дар ин навоҳӣ Ҳотам ном касе ҳаст, ки лофи ҷавонмардӣ мезанад ва даъвои эҳсону мардумнавозӣ мекунад. Шоҳи Яманро зоҳир аз ӯ дағдағае дар дил ва малоле дар хотир падид омада. Ва ман марди парешонрӯзгорам ва маоши ман аз дуздиву айёрӣ мегузарад ва султони вилояти Яман маро талабиду ваъдаи молу матои фаровон намуд, ба шарти он ки Ҳотамро пайдо кунам ва ба қатл орам ва сари ӯро тӯҳфа пеши малик барам. Ман на Ҳотамро мешиносам, на роҳи манзилашро. Аз дарвешпарварӣ ва ғарибнавозии ту аҷибу ғариб набошад, ки Ҳотамро ба ман намоӣ ва дар қатли ӯ мададгорӣ кунӣ ва бо мадади ту аз давлати шоҳ баҳраманд гардам».

Ҷавон гуфт: «Эй меҳмон, бархезу пеш аз он ки мутааллиқони ман хабардор гарданд, сари ман бардору сари худ гир, то мақсуди шоҳи Яман ҳосил ва муроди ту низ муяссар гардад».

Байт:

*Бихандиду гуфто, ки Ҳотам манам,*
*Сар, инак, ҷудо кун ба теғ аз танам.*

Айёр филҳол пеши Ҳотам бар замин афтод ва бӯса бар дасту пои вай бидод ва мегуфт:

Байт:

*Агар ман гуле бар вуҷудат занам,*
*На мардам, ки дар пеши мардон занам.*

Ҳотам асбоби роҳи ӯ аз тӯшаву маркаб таҳия намуда, ӯро гусел кард. Ва айёрпеша баъд аз қатъи роҳ чун пеши подшоҳ омад, суратҳое ба арз расонид. Малики Яман аз рӯйи карамтабъӣ боинсоф шуд ва эътироф гашт, ки кариме дар ин мартабаи ҳад ҳеҷ кас аз оламиён нест ва саховат бад-ин андоза ҳеҷ кас аз одамиён не!

**Аз «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳияи Б.САОДАТ.**

## Носипос

(Тамсил)

Ниҳолаке аз бехи ток сар боло кард. То даме, ки ниҳол қад мекашиду ба ёрӣ мӯҳтоҷ буд, ток онро нигоҳубин мекард. Обу ғизоеро, ки ба ток дода мешуд, баробар тақсим мекарданд. Аз шамолу боронҳои сахт ток сипар, гармии офтоб бошад, соябони сари ниҳолак буд. Ниҳолак бошиддат нашъунамо мекард. Аз зебоии худ дар курта намеғунҷид. Ток ҳамоно сарпарастии ниҳолакро ба ӯҳда дошт. Ниҳолак дарахти сершоху барг шуд. Акнун чун рӯзҳои аввал аз ток бо нигоҳи имдодталабона ёрӣ намепурсид. Ҳар қадар ки мехост обу ғизо мегирифт. Майдони қадкашии ток торафт тангтар мешуд. Ба ин ҳам қаноат карда, обу ғизо меёфт ва вақташ, ки расид, ғӯрачаҳо хӯшаҳои калони ширин мешуданд. Агар дарахт бо шоху баргаш роҳи нурҳои офтобро намегирифт, ҳеҷ гап набуд. Аммо чунон паҳну парешон шуда буд, ки офтоб базӯр ба баъзе навдаҳои ток мерасид.

Хӯшаҳои зарду сурхи ҷилодори токро дида, дарахт даруни худро мехӯрд. Мехост навдаҳои худро паҳнтар кунад. Ток дигар тоқат карда натавониста, ба ҳамсояаш, яъне дарахт таъкид кард, ки каме ҷафстар шуда истад ва пеши офтобро нагирад. Дарахт токро писанд накарда, шохҳояшро паҳнтар кард. Ток ба ин низ тоб оварда, дар вақту соати мувофиқ ғӯрачаҳо ва баъди каме обу ғизо хӯшаҳои зарду сурхи ҷилодор ба бор овард. Он дарахт то ҳанӯз нури офтоб ва обу ғизоро ба худаш гирифта, қад афрохта истодааст, вале оё шохҳои азимаш борвар мешуда бошанд?..

**Саодат САНГИНОВА,**
**омӯзгори мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 82-и ноҳияи Сариосиё.**

## Кампиртепа оё Окс-Александрияи гумшуда аст?



Дар ҷумҳуриамон масканҳои таърихии ғароиб бисёранд. Яке аз онҳо ёдгории Кампиртепа ба шумор меравад. Ёдгории Кампиртепа, ки ба таърихи охири асри IV пеш аз милод ва миёнаҳои асри II мансуб аст, дар соҳили рости Амударё, дар ҷое, ки Амударё ба Қарасув мепайвандад, дар масофаи 1,5-2 км дар ғарб ҷойгир шудааст.

Майдони ёдгорӣ аз шарқ ба ғарб 750 метр, аз шимол ба ҷануб 200-250 метр масофаро ишғол намудааст. Майдони умумиаш 4 гектар. Он аз арки аъло, ҳудуди арки аъло, девори қалъаи берун, ҷойи истиқоматӣ ва аз биноҳое, ки бо мақсадҳои гуногун истифода бурдаанд, иборат аст.

Кампиртепа соли 1972 аз ҷониби археолог Эдвард Ртвеладзе муайян карда шудааст. Дар манбаъҳои таърихӣ оварда шудааст, ки Искандари Мақдунӣ дар солҳои 329-326 пеш аз милод дар Осиёи Миёна қалъаву истеҳкомҳо барпо намудааст. Яке аз он қалъаҳо Окс-Александрия буда, дертар аз байн рафтани онро тахмин кардаанд. Таърихшиносон тӯли солҳо дар бораи он, ки кадоме аз онҳо – ёдгории археологии Ойхонуми шимоли Афғонистони имрӯза, Эски Тирмиз ва ё Кампиртепаи Сурхондарё – қалъаи Искандари бузург маҳсуб меёбад, баҳс доранд.

Дар форуми байналхалқии археологии «Ӯзбекистон дар чорроҳаи тамаддун», ки моҳи августи соли 2019 барпо шуд, эълон гардид, ки бино ба кофтукови солҳои охири олимон шаҳри бандарии Окс-Александрияи соҳили Амударё харобаҳои Кампиртепа ба ҳисоб меравад.

**Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).**

## РИЗОИЯТ

Усто Нуруллоҳ, ки чун дуредгари гулдаст ном баровარда, дар деҳаҳои гирду атроф низ эътибори хос дорад, рӯзе хонаамон омад ва гуфт:

– Ба иморати Самариддинакаро бардоштанам ду сол шуд, ҳаққи маро надодааст. Пули накд надорам, агар хоҳед навбастеро, ки ду сол инҷониб бонӣ мекунам, ба шумо диҳам, гуфт вай, розӣ шудам ва гуфтам, ки бегоҳ ба хонааш рафта, ҳамон ҷо гапзанон мекунем. Ҳамроҳ намеравем?

Хуб гуфтам. Самариддинакаро, ки омӯзгори собиқадор аст, ҳама эҳтиром мекунанд. Аз рӯи шунидаам, се фарзандаш дар таълимгоҳҳои олии пойтахт таҳсил доранд. Хонондан, хусусан, дар асоси шартнома осон нест. Шояд аз ҳамин сабаб ҳаққи усторо дар вақташ дода натавониста бошад.

Дами шом дар назди дарвозаи муаллим ҳозир шудем. Вай бо чеҳраи кушод, айни замон, хиҷолатомез моро пешвоз гирифт. Ба меҳмонхонааш таклиф кард. Вале мо бинобар тангии фурсат хоҳиши самимонаи ӯро қабул нанамудем.

– Чой дафъаи дигар, устод. Навбастро бинем.

Самар-муаллим бинобар дар вақташ пардохта нашудани ҳаққи усто узри бисёр гуфт ва моро ҷониби молхона бурда:

– Ана, – гуфт навбасти фарбеҳеро нишон дода ва илова намуд: – Ба қассоб нишон додам, тақрибан 250 килограмм бор доштааст, худатон ҳам чӣ қадар бор доштанашро тахмин кунед, ба ҳисобу китобамон дуруст ояд, навбаст аз они шумо, не, фурӯхта пулашро деҳ, гӯед ҳам ман қабул.

Усто Нуруллоҳ ба ҷонвар ҳавасомез нигарист ва табассум дар чеҳра, даҳон кушод:

– Муаллимҷон, шумо чӣ гӯед, ҳамон.

Ба усто рӯй оварда:

– Яъне пул не, ҳамин моли худро диҳанд, шумо ба хидмати худ розӣ? – пурсидам.

– Ҳа, – гуфт вай.

Ва бо:

– Даст диҳед, – гӯии соҳиби мол усто дасти худро дароз кард. Дароз карду:

– Истед, истед, – гуфт чашмаш ногоҳ ба модагове, ки дар кунҷи молхона баста шуда буд, афтода ва дастфишорӣ бо соҳиби молро насия гузошта, ҷониби говмеш ду-се қадам гузошт:

– Муаллимҷон, модаговро медиҳед.

– Не, – рад кард Самар-муаллим. – Бордор аст, ба наздикӣ мезояд, ширу ҷурғоташ, агар Худо хоҳад, насиби бачаҳои ин хонадон.

– Намешавад, гӯед?

– Узр, устоҷон.

Вазъияти ногувор ба амал омад.

– Усто, – гуфтам ба дуредгар, ки тирагӣ ба рӯяш панҷа зада, ноором нафас мекашид, маслиҳатомез нигариста, – буқаро ба бозор бароред, фурӯшед, ба пулаш аз ин хубтар модагов харед.

– Фикр карда бинам, – гуфт вай ва рафтагор шуд.

– Истед, – гуфтам ман, – навбастро мебаред ё не?

– Не, – даҳон кушод ӯ.

– Модагов мебуд, гапи дигар.

Ҳамсари Самар-муаллим пайдо шуд ва бо илтиҷо ба усто нигарист:

– Додарҷон, ин гов ободии рӯзгори мо.

– Хуб. Ман рафтам.

Усто ин гуфт ва аз молхона баромада, ҷониби дарвоза роҳ пеш гирифт.

– Илтимос, истед, – шитобон аз пасаш омад Самар-муаллим. Усто истод ва:

– Навбастро намегирам, – гуфт.

– Говро гиред, ман розӣ, – соҳиби хона маънидор лабханд намуд. – Канӣ, қафо гардед. Худи ҳозир…

– Додош, чӣ кор мекунед? – норозиёна ба соҳиби сар нигарист соҳибаи хона.

– Ором! – гуфт муаллим ҷониби ҳамсараш. – Усто чизе гӯянд ҳамон. Бе ин ҳам наздашон мо сахт хиҷолат. Усто, ки корро тамом кард, арақи пешонааш хушк нашуда, бояд ҳаққашро дод. Мо чӣ кор кардем?

Ва боз ба усто, ки дудиланамо рост меистод, нигаристу дасти ӯ ба дастонаш гирифт:

– Устоҷон, шумо розӣ бошед, шумо хурсанд бошед…

Муаллим онҷунон ҳаяҷономез ин суханонро гуфт, ки ҳиссе дардолуд ба торҳои дилам нохун зад.

Дар бурдани гов, ки хеле фарбеҳу тануманд, болои ин обистан буду базӯр роҳ мерафт, ба усто Нуруллоҳ кӯмак кардам. Вай хурсанд. Як кунҷи дили ман ғаш.

Пагоҳирӯзӣ дарвозаро касе кӯфт. Бароям, усто Нуруллоҳ. Рангаш сапсафед.

– Биёед. Тинҷӣ аст?

– Напурсед. Гов мурдааст.

– Чӣ-ӣ? – баданам ваҷаррос зад.

– Розиям, гуфту… – овози усто ларзон баромад.

– Розӣ буд, розӣ буд, – гуфтам ман, – аммо…

– Аз оғил барорем, гӯем зӯрамон намерасад. Зормонда, ин қадар калон, ин қадар вазнин. Се-чор каси дигарро ёфта, кашола накунем намешавад. Одам кофта гаштаам. Гардед…

**Ю. ХОЛМӮЪМИН.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-235. Адади нашр 958, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.